# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии**
**ноҳияи Дӯстӣ**

## БАРНОМАИ
## РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ
## НОҲИЯИ ДӮСТӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2017-2020

**Душанбе 2016**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ ДӮСТӢ**

**ҚАРОР**

Аз ______ декабри соли 2016 №_________ н.Дӯстӣ

Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2020

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Дӯстӣ даъвати панҷум

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон барои солҳои 2017-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муовинони раиси ноҳия, роҳбари Дастгоҳи раиси ноҳия, мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатии ноҳия, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ва сардорони хоҷагиҳои деҳқонӣ (новобаста ба шакли моликияташон) дар амалӣ намудани Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ барои солҳои 2017-2020 дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, агентиҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, идораю муассисаҳои дахлдор, созмонҳои байналмилалӣ, фондҳои маблағгузор, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.
3. Сардори Раёсати молияи ноҳия ва мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҳамасола дар таҳияи буҷети ноҳия иҷроиши самараноки Барномаи мазкурро ба эътибор гиранд.
4. Муовини раиси ноҳия оид ба соҳаи сохтмон, иқтисодиёт ва рушд вазифадор карда шавад, ки аз рафти иҷрои Барномаи мазкур ҳар сол моҳи декабр дар иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ҳисобот манзур намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия «Оид ба масъалаҳои буҷет, сохтмон, савдо, нақлиёт, алоқа, меҳнат ва хизмати коммуналӣ» ва муовинони раиси ноҳия вогузор карда шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони
ноҳияи Дӯстӣ Раҷабзода Салоҳидин

## *МУНДАРИЧА*



| | |
|---|---|
| *Рӯйхати ихтисорот* | *2-3* |
| *Бинишиояндаи ноҳияи Дӯстӣ* | *4* |
| *Пешгуфтор* | *4-6* |
| *БОБИ 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеии ноҳияи Дӯстӣ* | *6-10* |
| *Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Дӯстӣ (SWOT)* | *10-11* |
| *БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ* | *12* |
| *2. 1. Соҳаи кишоварзӣ* | *12-28* |
| *2.2. Соҳаи саноат* | *28-30* |
| *2.3. Соҳаи соҳибкории хурду миёна* | *30-32* |
| *БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ* | *32* |
| *3.1. Соҳаи маориф* | *32-37* |
| *3.2. Соҳаи тандурустӣ* | *37-43* |
| *3.3. Соҳаи фарҳанг ва фарогат* | *43-45* |
| *3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ* | *45-48* |
| *БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР* | *48* |
| *4.1. Оби тозаи нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ* | *48-50* |
| *4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ* | *50-52* |
| *4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ* | *52-53* |
| *4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ* | *53* |
| *4.5.Таъмини барқ* | *51-52* |
| *4.6. Таъмини газ* | *52-53* |
| *БОБИ 5. Ҳолатҳои фавқулодда ва ҳифзи муҳити зист* | *53-55* |
| *БОБИ 6. Таъминот бо маблағҳои зарурӣ* | *55-62* |
| *БОБИ 7. Низоми мониторинг ва арзёбӣ* | *62-64* |
| *Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Дӯстӣ аз рӯи соҳаҳо* | *64-111* |

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АТ | Арзёбии таъсиррасон |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БИД | Барномаи инвеститсионии давлатӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВЭЗО | Вазорати эне~~т~~ргетикава захираҳои об |
| ВМ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ГК | Гурӯҳ~~хо~~и кор~~ии сектор~~ӣ |
| ГФТ | Гурӯҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КМСЧТ | Кумитаи меъморӣ ва сахтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон~~ЧТ~~ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТСПЧТ | Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон~~Т~~ |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМҲД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МДНРА | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард |
| МБХ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НРҶ | Нақшаи рушди ҷамоати шаҳрак |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| ~~РЕАКТ~~ | ~~Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз~~ |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| СМР-2030 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| БМР | Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 201~~7~~6-2020 |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРУ | Ҳадафҳои ~~Рушди~~ рушди ~~Устувор~~устувор |

**Отформатировано:** Шрифт: Times New Roman, таджикский

**Отформатировано:** таджикский

**Отформатировано:** таджикский

**Отформатировано:** Шрифт: Times New Roman, таджикский

**Отформатировано:** Шрифт: 10 пт

**Отформатировано:** выделение цветом

**Отформатировано:** таджикский

**Биниши ноҳияи Дӯстӣ**
**(тасаввуроти ояндаи ноҳия боназардошти иқтидорҳои мавҷуда)**

*Дӯстӣ ноҳияест, ки дар он коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ мондашудааст ва соҳаи комплекси агросаноатӣ дорои технологияҳои замонавӣ рушдёфта мебошад.Дар ноҳия фазои мӯътадилу мусоид барои рушди соҳибкорӣ фароҳам овардашудааст, ки боиси баланд шудани дараҷаи некӯаҳволии иҷтимоӣ аҳолӣ ва инфрасохторӣ гардида, ба баланд шудани сатҳусифати зиндагии аҳолӣмусоидат мекунад. Соҳаҳоисайёҳӣ ва варзиш рушд ёфта, муҳити тозаи беҳдошти зиндагӣ ҳукмфармост.*

**ПЕШГУФТОР**

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ барои солҳои 2017-2020(минбаъд-Барнома) дар асоси "Дастурамали методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ~~рушди~~ шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо таҳия шудааст, бо назардошти сиёсати давлат ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз қабили Ҳадафҳои ~~Рушди~~ рушди ~~Устувор~~устувор, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ аз тарафи ҳайати гурӯҳи корӣоид ба таҳияи Барнома дар ҳамкорӣ бо муттахассисони соҳавӣ, ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ тарҳрезӣ шудааст.

Ҳадафи асосии Барнома ин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар натиҷаи таъмини рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии фаъоли ноҳияи Дӯстӣ мебошад. Ба ин мақсад метавон тавассути амалӣ намудани самтҳои афзалиятнок ва таҳкими тамоми соҳаҳои асосии иқтисодию иҷтимоии ноҳия ноил гашт.

Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосии ноҳия афзалият ва самтҳои умумии сиёсати ноҳияро муайян менамояд, ки он барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳоизаминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст.

Мусоидат ба афзоиши қувваҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум беҳтар гардонида шавад. Дар ин самт бахри ҳарчи бештар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия сол аз сол пастшавии сатҳи бекорӣ дар назар аст.

Бахри ноил шудан ба ин мақсадҳо дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқи ноҳия чораҳои мушаххас пешбинӣ гардида, ҷалби сармояи дохилию ҳориҷӣ дар назар дошта шудааст. Ҷалби ҳарчи зиёди сармояҳои хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои мазкур

буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имкониятҳо истифода мегарданд.Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2017-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ мешавад ва дар афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

«Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ барои солҳои 2017-2020” 216 лоиҳаро дар бар мегирад, ки аз ин 178 лоиҳаи маблағгузориаш муайян, бо маблағи 231,6 миллион сомонӣ ва 38 лоиҳаи сарчашмаи маблағгузориаш номаълум бо арзиши 31,0 млн. сомонӣ мебошанд ва барои лоиҳаҳои маблағаш номуайян фондрейзинг (дарёфти маблағ) гузаронидан лозим ~~мешавад~~мебошад.

Умуман, аз шумораи умумии лоиҳаҳо 53 ~~тои~~ лоиҳа~~он~~ ба маблағи 63,7 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 99 лоиҳа бо маблағи 140,7 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 45 лоиҳа бо маблағи 44,9 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 9 лоиҳа ба маблағи 11,2 млн. сомонӣ ба бахши ҳолатҳои фавқулодда ва ҳифзи муҳити зист~~ба маблағи 11,2 млн. сомонӣ~~ ва 10 лоиҳа ба маблағи 1,5 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ тааллуқ дорад.

Ҷадвали №1 *Тақсимоти маблағҳои “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ барои солҳои 2017-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| *Соҳаҳо* | *Шумораи лоиҳаҳо* | *Ҳамагӣ* | *Солҳо* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* |
| ***I. Бахши иқтисодӣ*** | ***53*** | **63682** | **13365** | **20650** | **18992** | **10675** |
| *Саноат* | *10* | *10430* | *1575* | *4210* | *4440* | *205* |
| *Кишоварзӣ* | *16* | 16190 | *4603* | *4225* | *4187* | *3175* |
| *Соҳибкории хурду миёна* | *11* | *9340* | *1865* | *2615* | *2415* | *2445* |
| *Сохтмон* | *16* | 27722 | 5322 | 9600 | 7950 | 4850 |
| ***II. Бахши иҷтимоӣ*** | ***99*** | **140674** | **46543** | **45482** | **24896** | **23453** |
| *Маориф* | *33* | 50990 | 19620 | 11900 | 9770 | 9700 |
| *Тандурустӣ* | *34* | *56627* | *20112* | *27290* | *5035* | *3890* |
| *Фарҳанг, саёҳӣ ва варзиш* | *32* | 33057 | 6811 | 6292 | 10091 | 9863 |
| ***III. Бахши инфрасохтор*** | ***45*** | **44870** | **8640** | **14180** | **12640** | **9410** |
| *Обтаъминкунӣ* | *9* | *10350* | *2900* | *2900* | *2350* | *2200* |
| *ХМК ва барқтаъминкунӣ* | *18* | 21050 | 3890 | 6660 | 6090 | 4410 |
| *Нақлиёт: роҳҳо ва алоқа* | *18* | *13470* | *1850* | *4620* | *4200* | *2800* |
| ***IV. Ҳолатҳои фавқулодда ва ҳифзи муҳити зист*** | ***9*** | **11183** | **2843** | **3465** | **2432** | **2443** |
| ***V. Таъминоти захиравӣ*** | ***10*** | **1490** | **375** | **416** | **391** | **308** |
| **Ҳамагӣ дар соҳаҳо** | ***216*** | **261899** | **71766** | **84193** | **59351** | **46289** |

*Воқеан, барои амалӣ намудани “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ барои солҳои 2017-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ* ***261,9 млн. сомонӣ****дар назар дошта шудааст. Аз ҷумла:*

*Буҷети ҷумҳуриявӣ – 87,3 млн.сомонӣ;*

*Буҷети вилоятӣ – 17,6 млн. сомонӣ;*

*Буҷети маҳаллӣ –13,3 млн.сомонӣ;*

*Сармояи дохилӣ (маблагҳои корхонаҳо, аҳолӣ ва соҳибкорҳон)-63,5 млн.сомонӣ;*

*Маблагҳои сармояи хориҷӣ– 50,2 млн.сомонӣ;*

*Маблагҳои номуайян – 30,03 млн.сомонӣ.*

**Боби 1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеъии ноҳияи Дӯстӣ**

***Маълумотҳои таърихӣ.*** Дӯстӣ (собиқ Ҷиликӯл) ҳамчун ноҳия бори аввал 29 августи соли 1930 таъсис ёфта, то сентябри соли 1955 фаъолиятнамудааст. 6 декабри соли 1979 ноҳия аз нав ташкил карда шуд. Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 феврали соли 2016, №32 собиқ ноҳияи Ҷиликӯл ба худ номи Дӯстиро гирифтааст.

Дар ноҳия ёдгории таърихӣ мутааллиқ ба асри XVII аз ҷумла, мақбараи Имом Зайналобиддин мавҷуд аст.

***Маълумоти ҷугрофии ноҳия.*** Ноҳияи Дӯстӣ дар қисмати ҷанубу шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир буда, бо ноҳияҳои ҶалолиддиниБалхӣ, Ҷайҳун, Қубодиён ва аз ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистонҳамсарҳад аст. Ҳудуди ноҳияи Дӯстиро қаторкӯҳҳои паст ва ҳамвориҳо иҳота кардаанд.Ноҳияро аз тарафи шимол қаторкӯҳҳои Рӯдакӣ (қуллаи баландтарин то 750 метр аз сатҳи баҳр), аз ғарб қаторкӯҳҳои Ариктау ва аз ҷануб дарёи Вахш иҳота кардаанд.

Ноҳияи Дӯстӣ аз сатҳи баҳр дар баландии 601 метр воқеъ буда, иқлимаш континенталии миёна мебошад, ҳарорати миёнаи солона + 17,5 $C^0$ ва дар зимистон + 2, + 5 $C^0$-ро (дар фасли гармо моҳҳои июн-август зиёда аз + 40 то +45 $C^0$) ташкил медиҳад. Боришот дар фасли сармо то 103 мм ва дар фасли баҳору тирамоҳ бошад, нисбатан камтар ва дар тобистон қариб мушоҳида намегардад.

Аз ҳудуди ноҳия дарёи Вахш(60 км) мегузарад.Дар ноҳия мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон» ба масофаи 50 ҳазор гектар

мавҷуд буда, олами набототу ҳайвоноти он рангин аст. Ин мавзеи дилангез диққати ҷаҳониёнро ба худ ҷалб кардааст.Дарноҳияқариб ҳамаи дарахтонизинатбахшумевадор (себ, нок, олу, олуча, зардолу,шафтолу, хурмо, анор, анҷир, ангур, тут, гелос, бодом), растаниҳоидаштӣ вабешадаштӣ мерӯянд.Ҳудуди ноҳияро хоки зардчатоби қумдор, хоки сиёҳ, дар кӯҳҳо ва хоки сурх (кулолӣ) ишғол менамояд, ки барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ва кулолгарӣ мутобиқ аст.

Масофаи байни Дӯстӣто маркази вилоят шаҳри Қӯрғонтеппа 46 км ва то шаҳри Душанбе 150 км аст. Аз ҳудуди ноҳия роҳҳои мошингарди байни ноҳиявӣ мегузарад.

Масоҳати умумии ноҳия 1225,8 км$^2$ буда, 53 фоизи онро кӯҳҳо ~~фаро~~иҳода ~~гирифтаанд~~кардаанд.

***<u>Захираҳои табиӣ ва мавқеи иқтисодию ҷуғрофӣ:</u>*** Дар қаламрави ноҳия аз канданиҳои фоиданок нафт, варақсангҳои сӯзанда, санги мармари сохтмонӣ, оҳаксанг, сангҳои сохтмонӣ ва захираи қум мавҷуд аст. Кони нафти Қашқадум яке аз конҳои ояндадор ба ҳисоб рафта, захираи он 4,9 млн. тоннаро ташкил медиҳад.Варақсангҳои сӯзандаи Ғаравутироҳамчун маводи сӯзишворӣ дар корхонаҳои саноатӣ ба кор бурдан мумкин аст.

Мавқеи ҷойгиршавии ноҳия барои рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ мусоид аст.Аз ҳудуди ноҳия магистрали роҳи оҳани «Москва–Термез-Қӯрғонтеппа» ва роҳи мошингарди аҳамияти ҷумҳуриявӣ доштаи «Душанбе-Шаҳритус», «Шаҳритус-Қубодён–Ҷалолиддини Балхӣ-Қӯрғонтеппа» мегузаранд, ки ноҳияро бо дигар марказҳои саноатии вилояти Хатлон ва дар ҷануби мамлакат тавассути бандари Панҷи Поён дар дарёи Амударё бо сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пайваст мекунад.

Истгоҳи роҳи оҳани «Колхозобод» аз маркази ноҳия дар масофаи 16 км дур ҷойгир шудааст, ки дар таъмини рушди иқтисодии ноҳия нақши муҳим мебозад. Наздик будани ноҳия бо маркази вилоят шаҳри Қурғонтеппа ва сарҳади Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон имконияти истифодаи захираҳои потенсиалии мавҷударо медиҳад.

Таъсис ёфтани Минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҷануби ноҳия ба рушди ояндаи ноҳия мусоидат хоҳад кард.Истифода ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ тавассути ташкили корхонаҳои хурду миёна яке аз

**Отформатировано:** выделение цветом

самтҳои асосии Барномаи мазкур буда, дар таъмини аҳолии ноҳия бо ҷои кори доимӣ ва бозори дохилӣ бо маҳсулоти худӣ мусоидат мекунад.

***Вазъи демографии ноҳия.***То 1 январи соли 2016 аҳолии ноҳияи Дӯстӣ104,9 ҳазор нафар ё 3,5 фоизи аҳолии вилоят ва 1,2 фоизи аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 52,~~5~~2ҳазор нафар мардон (49,8%) ва ~~53~~52,~~,0~~6 ҳазор нафар занон (50,2%) мебошанд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 3,2 фоиз ва зичии аҳолӣ 85,4 нафарро дар 1 км² ташкил медиҳад. Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 93,7фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 6,3фоизи онҳо дар шаҳрак истиқомат доранд.

Дар давоми солҳои 2012-2015 аҳолии ноҳия 14,6 ҳазор нафар ё 15,4 фоиз афзоиш ёфтааст.

*ҶадвалиNo~~1~~2. Шумораиаҳолииноҳия (нафар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ (ба 01/01/2016) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
| 1 | Хоҷагии хонагӣ | адад | 19386 | 20309 | 21201 | 21995 |
| 2 | Аҳолӣ | нафар | 95,3 | 97,8 | 100,9 | 104,9 |
| - | Азҷумла: мардҳо | нафар | 47,2 | 48,4 | 49,9 | 51,1 |
| - | Занҳо | нафар | 48,1 | 49,4 | 51,0 | 53,1 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 32882 | 33782 | 34185 | 35110 |
| - | Гурӯҳи миёна-солон(15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 54575 | 55289 | 58623 | 59971 |
| - | Гурӯҳи калон-солон(63 (58сола) ва боло) | нафар | 7843 | 8729 | 8092 | 9119 |
| - | Аз чумла, аз 15 то 18 сола | нафар | 1682 | 1578 | 2010 | 2135 |
| *3* | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 56200 | 56700 | 56800 | 56900 |
| *4* | Бекорон | нафар | 26800 | 27000 | 27050 | 27100 |
| *5* | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 29400 | 29700 | 29750 | 29800 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 54,2 фоиз ба кор машғул буда, 9,2 фоизи аҳолии  қобили меҳнат дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 25,8 фоиз бекорон мебошанд.Таи се соли охир шумораи бекорон 1,1 фоиз ва муҳоҷирони меҳнатӣ 8,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Афзоиши шумораи бекорон метавонад дар оянда ба иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ расонад. Барои паст намудани сатҳи бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия барқарор намудани корхонаҳои коркарди пахта ва меваю сабзавот дар назар аст.

Ҳайатииҷтимоииаҳолииноҳия аз тоҷикон,ӯзбекон, туркменҳо ва дигар миллатҳо иборат аст.

**Отформатировано:** не выделение цветом

**Отформатировано:** не выделение цветом

**Отформатировано:** не выделение цветом

*Диаграммаи №1. Ҳайати иҷтимоии аҳолии ноҳия (ба ҳисоби %)*




Дар ноҳия 6 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Маркази ноҳия шаҳраки Дӯстӣаст.

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| ➢ Мавҷуд будани захираҳои табиӣ (нафт, варақсангҳои сӯзанда, санги мармар, оҳаксанг, қум, шағал ва дигар маводҳои сохтмонӣ);<br>➢ Мавҷуд будани корхонаҳои коркарди пахта ва равған;<br>➢ Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши зироатҳои растанипарварӣ, боғдорӣ бахусус дарахтони ситрусӣ, сабзавоткорӣ, полезӣ ва дигар зироатҳои кишоварзӣ;<br>➢ Мавҷуд будани заминҳои обӣ ва заминҳои лалмӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бунёди боғҳои нав;<br>➢ Мавҷуд будани мамнӯъгоҳи давлатии «Бешаи палангон»;<br>➢ Захираи зиёди чарогоҳҳо ва шароити хуби иқлим барои рушди чорводорӣ;<br>➢ Вуҷуд доштани ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ(асрҳои XVII);<br>➢ Дастрас будани инфрасохтори аввалиндараҷа (мавҷуд будани роҳи оҳан ва роҳи мошингард);<br>➢ Шароити мусоид барои рушди соҳибкории хурду миёна (мавҷудияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳандаи хурд). | ➢ Набудани маблағ барои омӯзиш ва коркарди захираҳои табиӣ;<br>➢ Аз мавқеи хуби ҷуғрофӣ самаранок истифода набурдан;<br>➢ Бо иқтидори пурра фаъолият накардани корхонаҳои мавҷуда;<br>➢ Пурра коркард нашудани ашёи хоми маҳаллӣ;<br>➢ Фарсуда ва корношоям шудани пойгоҳҳои обкашӣ (насосҳои обкаш) ва дастрас набудани оби полезӣ;<br>➢ Дастрас набудани тухмии баландсифат барои парвариши зироатҳо ва сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ (бо сабабаи зиёдшавии арзиши он);<br>➢ Паст будани сатҳи фаъолияти хадамоти бойторӣ;<br>➢ Набудани ҷойҳои кори доимӣ ва музди меҳнати ночиз;<br>➢ Дастрасии пурра надоштан ба оби тозаи нӯшокӣ;<br>➢ Таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, иншоотҳои обтаъминкунӣ ва шабакаҳои барқтаъминкунӣ;<br>➢ Баланд будани фоизи қарзи бонкӣ барои рушди соҳибкорӣ.<br>➢ Сатҳи пасти ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ноҳия. |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| ➢ Мавҷуд будани барномаҳои соҳавӣ ва қарорҳои | ➢ Боло рафтани сатҳи таваррум; |

Отформатированная таблица

| | |
|---|---|
| махсуси Ҳукумати ҶумҳурииТоҷикистон доир ба обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои корам;<br>➢ Наздик будан ба Минтақаи озоди иқтисодии Панҷи Поён;<br>➢ Барқарор намудани насосҳои обкашӣ;<br>➢ Тоза кардани захбуру захкашҳо ваколлекторҳои байнихоҷагиҳо;<br>➢ Ба истифода даровардани кони нафти Қашқақум;<br>➢ Мавҷуд будани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020». | ➢ Ба вуҷуд омадани офатҳои табиӣ (сел, ярч, жола, обхезӣ, заминларза, боронгарии зиёд);<br>➢ Обхезии дарёи Вахш ва шусташавии заминҳои назди соҳил;<br>➢ Бодхӯрӣ ва вайроншавии заминҳои киштшаванда;<br>➢ Паҳн шудани ҳашаротҳои зараррасон ва дигар касалиҳо;<br>➢ Авҷ гирифтани бӯҳрони молиявию иқтисодӣ ва таъсири он ва ба иқтисодиёти ноҳия. |

**Отформатировано:** По ширине, Отступ: Слева: 0,06 см, Выступ: 0,75 см, интервал Перед: 0 пт, Выравнивание шрифтов: Авто, Граница: сверху: (Без границ), снизу: (Без границ), слева: (Без границ), справа: (Без границ)

**Отформатировано:** По ширине, Отступ: Слева: 0,06 см, Выступ: 0,5 см, интервал Перед: 0 пт, Выравнивание шрифтов: Авто, Граница: сверху: (Без границ), снизу: (Без границ), слева: (Без границ), справа: (Без границ)

**Отформатировано:** По ширине, Нет, Отступ: Первая строка: 0,5 см, Разрешить отрывать от следующего

## Боби 2. Соҳаҳои иқтисодӣ

### 2.1. Кишоварзӣ

Кишоварзӣ соҳаи асосии иқтисодиёти ноҳия мебошад. Ноҳия барои истеҳсоли пахта, ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ, пилла ва занбӯри асал махсус гардонида шудааст. Аз зироатҳои техникӣ пахта, кунҷит ва аз зироатҳои ғалладонагӣ гандум, ҷуворимаккаи дон, чормағзи заминӣ парвариш карда мешавад. Дар ноҳия 4,3 фоиз маҷмӯи майдонҳои кишти вилоят мавҷуд аст.Дар соҳаи кишоварзӣ зиёда аз 55,6фоизи аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунад. Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти сабзавот, полезӣ ва мева ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия корхонаҳо, хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд. Вазни қиёсии аз ҳама зиёдро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ муассисаҳои кишоварзӣ дар истеҳсоли пахта ва хоҷагиҳои хонагӣдар истеҳсоли картошка, мева, шир, гӯшт, тухм, пилла ва пашм ташкил медиҳад.

Соли 2015 ҳиссаи ноҳия дар истеҳсоли умумивилоятии пахта – 6,0%, ғалладонагӣ – 3,1%, полезиҳо – 9,2%, сабзавот – 5,3%, картошка – 3,2%, меваҷот – 2,9%, ангур – 4,0%, шир – 5,7%, гӯшт – 3,1%, тухм – 4,5%, пилла – 6,9%, асал – 1,7% ва пашм – 2,1%-ро ташкил дод.

НоҳияиДӯстӣ дар муқоиса ба дигар ноҳияҳои вилоят ҳосилнокии пасттар мегирад. Сабаби паст будани ҳосилнокӣ ин зиёд шудани сатҳи оби зеризаминӣ, дастрас набудани оби полезӣ ва фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ мебошад.

*Ҳадафи асосӣ дар чор соли оянда ин беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришаванда ва обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида мебошад.*

***Шакли фаъолияти бахши кишоварзӣ.*** Аз рӯиислоҳоти бахши кишоварзӣ дар ноҳия 3 хоҷагии коллективӣ; аз он 1 хоҷагии зотпарварӣ, 2 хоҷагии тухмипарварӣ, 1150 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 3 корхонаи коркарди пахтатозакунӣ ва 16888 хоҷагии хонагӣ таъсис дода шудааст.

Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ накши муҳим мебозад. Аз 582 адад техникаву таҷҳизоти дар тавозуни хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷудбуда, 51 фоизаш коршоям (294 адад) ва 49 фоизаш (288адад)дар ҳолати корношоям қарор дорад. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизотҳо 39% трактори шудгоркунанда (59 адад), 62% трактори коркарди байниқаторӣ (125 адад), 35% трактори борказш (65 адад), 23% комбайни ғалладарав (3 адад),63% дискмолаҳо (5 адад), 52% ядаки трактор (161 адад), 25% тухмипошакҳои ғалла (1 адад), 39% испор (59 адад), 25% тойбанду-тағрезчин (3 адад), 23% комбайни силосғундор (3 адад) ва 40 % дорупошак (2 адад) коршоям буда, боқимонда корношоям ё ба таъмири асосӣ ниёз доранд, ки барои таъмири онҳо маблағи зиёд лозим аст.

Бо сабаби даромаднокии пасти истеҳсолот дар хоҷагиҳои ноҳия кам шудани иқтидори истеҳсолию техникӣ ба назар мерасад. Набудани воридоти зарурии пулӣ ба чандин маротиба кам гардидани хариди техникаи нав ва таҷҳизот, аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба хӯрдашавии қисми зиёди воситаҳои асосии хоҷагии кишоварзӣ оварда расонид. Воситаҳои дар гардиш будаи худӣ барои ба таври мавсимӣ фаъолият намудани истеҳсолот намерасад.

*Мушкилие, ки ба он истеҳсолкунандагони хоҷагиҳои кишоварзӣ ниёз доранд, аз ин иборат аст:*

- *захираҳои вуҷуддоштаи моддию техникӣ дар ҳолати ҳузновар қарор доранд, техника бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ ва равганҳои молиданию сӯзишворӣ бекор меистад;*
- *қисми зиёди техникаи кишоварзӣ захираҳои хешро истифода бурда, аз кор баромадааст;*
- *таъмин набудан ба техникаи ҳозиразамон.*

***Истифодаи заминҳо.*** Аз рӯи маълумоти расмӣ то 1 январи соли 2016 ҳамаи заминҳои дар ҳудуди марзи маъмурии ноҳия 123,6 ҳазор гектар ва шумораи замин~~и~~ истифодабарандагони он 3099 нафарро ташкил дод. Ҳамаи заминҳои дар истифодаи корхонаҳои кишоварзи буда 61815 га (аз ин 16942 га обӣ)–ро ташкил медиҳад, ки аз ин 5338 га замини наздиҳавлигӣ, 817 га замини шахсӣ (ёрирасон), 11353 га ~~чангалу~~ чангалу бешазор, 2256 га буттаю 138 га ботлоқзор, 10218 га замини зери об ва дигар заминҳо мебошанд. Аз майдони умумии замини корами обӣ 16,3% (599,7 га) бинобар аз кор баромадани шабакаҳои обтаъминкунӣ ва зиёд

**Отформатировано:** Отступ: Первая строка: 1 см

шудани сатҳи оби зери заминӣ (шӯршавию ботлоқшавӣ) аз гардиши кишоварзӣ боз мондаанд.

*Ҷадвали №~~1~~3. Майдони заминҳои кишоварзӣ дар ~~Корхонаҳои~~корхонаҳоикишоварзӣ дар соли 2015*

| Нишондиҳандаҳо | Замини корам | Аз ҷумла обӣ | Дарахтони бисёрсола | Замини боир | Чарогох | Ҳамагӣ | Обӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ | 14473 | 14335 | 1347 | 1260 | 27405 | 44485 | 16933 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 11,7 | 11,6 | 1,1 | 1,0 | 22,2 | 35,9 | 13,6 |

Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти пахта, ғалладонагӣ, картошка, сабзавот, полезӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд.

*Диаграммаи №~~1~~2. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*




***Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромади он.*** Соли 2015 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 510,9 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 365,2 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 145,7 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Аз рӯи маълумоти расмӣ соли 2015 ба як нафар246кг. ғалладонагӣ, 459 кг. сабзавот, 74,3 кг. картошка, 78,5 кгмева ва ангур, 235кг шир, 34,4 кг. гӯшт ва0,1киллограмӣасал рост омад.

*Диаграммаи №3. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ азрӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2011-2015 (млн. сомонӣ)*




***Дурнамо.***Мутобиқи нақшаи дурнамо соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои амалӣ 593,6млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз ин 421,7 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 171,9 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ соли 2020 дар қиёс ба соли 2016 -14,4 фоиз пешбинӣ шудааст.

*Диаграммаи №54. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таи солҳои 2016-2020 бо нархҳои амалӣ (млн. сомонӣ)*




Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ дар асосан аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои шуршудашӯршуда, беҳтар намудани хизматрасониҳои агротехникӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои асосии растанипарварӣ ва чорводорӣ пешбинӣ шудааст.

*Диаграммаи №~~6~~5. Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таи солҳои 2016-2019*

| Нишондиҳандаҳо | 2015 хисобот | 2016 баҳодихӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2017 | 2017 бо % нисбати 2016 | 2018 | 2019 |
| **Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзӣ дар вазни натуралӣ** | | | | | | |
| Ғалладона – ҳаз.тонна | 25705 | 25705 | 26476 | 103,0 | 26476 | 26705 |
| Пахта – ҳаз.тонна | 11237 | 14950 | 15600 | 104,3 | 15600 | 15600 |
| Картошка – ҳаз.тонна | 7745 | 7745 | 8535 | 110,2 | 8961 | 9410 |
| Сабзавот – ҳаз.тонна | 47884 | 47884 | 50278 | 105,3 | 52289 | 54903 |
| Полезиҳо – ҳаз.тонна | 4062,8 | 4062,8 | 4156,2 | 102,3 | 4289,2 | 4374,9 |
| Мевагӣ – ҳазор тонна | 4312,5 | 4312,5 | 4399,0 | 102,0 | 4499,9 | 4612,4 |
| Ангур – ҳазор тонна | 3865 | 3865 | 3880,4 | 100,4 | 3927,0 | 4013,4 |
| **Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводорӣ дар шакли аслӣ** | | | | | | |
| Гушти чорво ва парранда бо вазни зинда – ҳазор тонна | 3584,5 | 3584,5 | 3688 | 103 | 3765,4 | 3848,3 |
| Шир – ҳазор тонна | 24487 | 24756,3 | 25276,2 | 102,1 | 25278,3 | 25834,4 |
| Тухм – млн. дона | 2888,2 | 2888,2 | 3006,6 | 104,1 | 3075,7 | 3143,4 |
| Пашм бо вазни аслӣ – тонна | 99 | 99 | 100,1 | 102,0 | 101 | 102 |
| Пилла – тонна | 26 | 26 | 27 | 103,0 | 27 | 28 |

***Растанипарварӣ.*** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия аст. Инкишофи соҳа дар афзоиши даромади хоҷагиҳо нақши калон дорад ва аз ин сабаб ба ин соҳа бештар аҳамият дода мешавад. Хоҷагиҳои ноҳия ба парвариши ғалладонагӣ, зироатҳои техникӣ (пахта, кунҷит), картошка, савзавот, полезӣ ва хӯроки чорво машғуланд. Таи панҷ соли охир аз ҳисоби кам шудани майдони кишти пахта, ғалладонагӣ ва картошка кишти сабзавот 66,4фоиз, полезӣ 13,4фоизвасеъ карда шуда, дар майдони 323 га боғ ва токзори нав бунёд карда шуд.

*Ҷадвали №~~2~~4. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои 2011-2015*

| *Номгӯи нишондиҳандаҳо* | *ченак* | *Солҳо* | | | | | *с.2015 нисбати с.2011,%* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | |
| 1.Майдони кишт | га | 4561 | 4813 | 4781 | 4786 | 4682 | |
| Ғалладонагӣ | тонна | 19027 | 20125 | 21310 | 24637 | 25705 | 135,1 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 28,6 | 30,9 | 31,9 | 39,5 | 44,5 | 155,6 |
| 2.Майдони кишт | га | 7530 | 7300 | 7006 | 7046 | 6500 | 86,3 |
| Пахта | тонна | 15860 | 15600 | 16195 | 16972 | 11237 | 70,8 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳосилнокӣ | с/га | 21,1 | 21,4 | 23,1 | 24,1 | 17,3 | 81,9 |
| 3.Майдони кишт | га | 934 | 1007 | 1057 | 1276 | 1554 | 166,3 |
| Сабзавот | тонна | 29455 | 34521 | 34956 | 39980 | 47884 | 162,5 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 257,3 | 279,1 | 240,6 | 240,5 | 260,5 | 101,2 |
| 4.Майдони кишт | га | 331 | 262 | 284 | 233 | 299 | 90,3 |
| Картошка | тонна | 5867 | 6827 | 7601 | 6093 | 7745 | 132,0 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 175,3 | 258,5 | 265,8 | 257,9 | 256,4 | 146,2 |
| 5.Майдони кишт | га | 1107 | 853 | 874 | 1002 | 1255 | 113,3 |
| Полезӣ | тонна | 24814 | 26696 | 24750 | 28052 | 40628 | 163,7 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 220,5 | 269,5 | 241,9 | 268,2 | 315,6 | 143,1 |
| 6.Майдони мевагӣ | га | 1401 | 1537 | 1601 | 1649 | 1664 | 118,7 |
| Мевагӣ | тонна | 4108 | 4133 | 4153 | 4204 | 4313 | 105,0 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 98,4 | 97,0 | 81,1 | 131,5 | 134,9 | 137,1 |
| 7. Майдони ангур | га | 219 | 219 | 279 | 279 | 279 | 127,3 |
| Ангур | тонна | 3693 | 3713 | 3745 | 3849 | 3865 | 104,6 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 169,4 | 170,3 | 171,8 | 176,5 | 177,3 | 104,6 |
| 8.Майдони кишт | га | 2313 | 2622 | 2345 | 2135 | 2521 | 109,0 |
| Зироатхои хӯроки чорво | тонна | 11837 | 12761 | 16258 | 16473 | 15921 | 134.5 |

Гарчанде истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ таи се соли охир 32,9фоиз афзоиш ёфта бошад ҳам, вале талаботи дохилии ноҳияро қонеъ карда наметавонад. Дар ноҳия имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 698 га замини обии аз фаъолият бозмонда мавҷуд аст. Таи солҳои охир аз сабаби нарасидани оби полезӣ, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, боло шудани сатҳи оби зеризаминӣ, шӯрнокии хок ва фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ дар мавзеи Ғаровутӣ ҳосили дилхоҳ гирифта намешавад. Дар ҳолати таъмиру баркарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ ва тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо имконияти то 30 фоиз зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия пайдо мешавад. Сабаби дигари паст шудани ҳосили зироатҳо ин набудани тухмии хушсифат, гаронии нархи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, саривақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва умуман риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ аст.

**Отформатировано:** Отступ: Первая строка: 1 см

***Пахтакорӣ.***Соҳаи асосии махсусгардонидашудаи ноҳия пахтакорӣ мебошад. Дар сохтори майдони кишт 37,1 фоиз барои кишти пахта ҷудо карда шудааст. Ба парвариши пахта хоҷагиҳои ҷамоавӣ, деҳқонӣ ва инфиродӣ машғул мебошанд.Хоҷагиҳои пахтакор асосан навъҳои «Флора», «Кармен», «Хуҷанд-0,5» ва «С-6524» парвариш мекунанд.Дар давраи солҳои 1991-2015 майдони кишти пахта аз 12,5 ҳазор га то 6,0 ҳазорга кам гардида, ҳаҷми истеҳсоли он аз 37,1 ҳазор тонна ба 11,2 ҳазор тонна расид, ки ин қиёсан ба 30,3 фоизи соли 1991 баробар мебошад.Ҳамзамон, ҳосилнокии пахта аз 30,2 с/га дар соли 1991 то 17,3 с/га ё 41,5фоиз коҳиш ёфтааст.

Солҳои охир кам шудани ҳаҷми умумии пахта ва паст шудани ҳосилнокӣ аз гектар аз сабаби нагузаронидани ташхиси хок, тартиб надодани харитаи хоки майдонҳои кишоварзӣ, истифода набурдани киштгардон, пасту баланд шудани нархи хариди пахта, зиёд шудани қарзи хоҷагиҳо дар назди сармоягузор ва ҳавасманд набудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши он мебошад.

Бо мақсади таъмини рушди соҳаи пахтакорӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 октябри соли 2009, №586 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» қабул гардида бошад ҳам, вале дар ноҳияи Дӯстӣ тағйироти куллӣ дар ин самт ба назар намерасад.

Барои дар оянда ҳавасманд намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба парвариши пахта ва зиёд намудани истеҳсоли он ба мақсад мувофиқ аст, ки маблағгузорӣ ба соҳаи пахтакорӣ тариқи бонкҳо бе миёнаравҳо ба роҳ монда шуда, фурӯши пахта ба корхонаи дилхоҳ ва бастани ҳамагуна шартномаҳо озод бошад. Зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли пахта метавонад даромаднокии хоҷагиҳоро дучанд намуда, ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд оварад ва ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар ҳолати 25 сентнер истеҳсол намудани пахта аз 1 гектар хоҷагиҳо имконият пайдо мекунанд, ки хароҷотҳои худро пӯшонида, даромади иловагӣ ба даст оранд. Дар шароити иқлимии ноҳия имкон аст, ки аз ҳар гектар то 30-35 сентнер ҳосили пахта ба даст оварда шавад. Дар айни замон дар ноҳия хоҷагиҳои деҳқоние ҳастанд, ки ҳосилнокии пахтаро то 35 сентнер расонида, аз он фоидаи зиёд ба даст овардаанд.

*Сабабҳои асосии ҳосилнокии нисбатан пасти пахта нисбат ба сатҳи имкониятдошта аз инҳо иборат аст:*

Отформатировано: Отступ: Первая строка: 1 см

- *рушди раванди шӯршавии хок. Бо сабаби кам гардидани маблаггузорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо солҳои охир хизматрасонии техникии шабакаҳои насосӣ, наҳрҳои (каналҳо) обёрикунанда ва системаи заҳбурканӣ (дренажӣ) гузаронида намешавад. Хадамоти нокифояи техникӣ ва ҳолати дренажӣ ба баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии хок оварда мерасонад;*
- *дар поёноби ноҳияҳои Ҷайҳун ва Ҷалолиддини Балхӣ ҷойгир будани заминҳои пахтаи ноҳия, ки тамоми лойқаҳо ба ин ҷо дохил шуда, ҳолати мелиоративии заминҳоро вайрон мекунад.*
- *гайрикифоя ва ё самаранок истифода набурдани нуриҳои маъданӣ ва дигар заҳрхимикатҳо;*
- *истифода набурдани низоми киштгардон;*
- *номукаммалии муносибатҳои миёни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия.*

***Ғалладонагӣ.***Дар ноҳия 26,7фоизи майдони кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимакка ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 81фоизро кишти гандум дар бар мегирад.

Истеҳсоли ғалладонагӣ соли 2015 дар қиёс ба соли 1991 аз 3195 ба 25705 тонна расонида шуд, ки 8,4 маротиба зиёд аст. Ҳамчунин, майдони кишти ғалладонагӣ 2,6 маротиба зиёд гардида, мутаносибан ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ тадриҷан боло рафтааст.Дар 25 соли охир аз ин ҳисоб кам кардани кишти пахта майдони кишти ғалладонагӣ васеъ карда шуд.

Дар баробари пахтакорӣ ва ғаллакорӣ барои ноҳия сабзавоткорӣ, полезӣ ва боғдорӣ низ соҳаи афзалиятнок мебошад.

***Сабзавоткорӣ.***Дар ноҳия кишти сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣва деҳқонӣ шуғл доранд.

Аз соли 2011 то 2015майдони кишти сабзавот 66,4фоиз зиёд карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 62,5фоиз ва ҳосилнокӣ1,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Аҳолӣ асосан ба парвариши сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, тарбуз, харбуза ва каду шуғл ~~доштa~~доранд ,ки ин~~,~~яке аз сарчашмаи даромад барои қисми аҳолӣба ҳисоб меравад~~аст~~. Маҳаллаҳои сабзавоткории ноҳия асосан ҷамоатҳои деҳоти «Нури Вахш», «Деҳқонобод» ва ба номи ~~«~~Гардӣ Гулмуродов, ~~» ва~~ маҳсулотҳои полезӣ бошад дар ҷамоатҳоидеҳоти «Нури Вахш», «20

солагии ~~истиқлолияти~~ Истиқлолияти Ҷумҳурии ~~Т~~Тоҷикистон» ва Солҳоиохирдарсатҳикофӣинкишофнаёфтанисоҳаикишоварзиинохия, бахусуссоҳаирастанипарварӣбаомилҳоизеринвобастааст:

*-даҳолатимақомотидавлатӣбафаъолиятихоҷагиҳоикишоварзӣоид бабанақшагирӣ, истеҳсол, коркард, фурӯшипахтавамаҳсулотион;*

*- набуданикорхонаҳоикоркардимаҳсулотикишоварзӣ;*

*- маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат;*

*- паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар системаи таъминоти нокифоя бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;*

*- қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ;*

*- дастгирӣ накардани тасмимгирии деҳқонон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот;*

*- набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат.*

***Богпарварӣ.*** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳия аст. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза накши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад.

Иқлими ноҳия имконият медиҳад, ки майдони боғҳоро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил, бахусус меваҳои субтропикӣ васеъ намуда, талаботи бозори дохили ноҳия~~ва берунӣ~~ пурра бо меваи тару тоза таъмин ва ба берун аз ноҳия содирот карда шавад.Бо мақсади таъмини аҳолӣ ~~ба~~ бомахсулоти кишоварзӣ ва мева солҳои 80-уми асри гузашта дар минтақаи Ғаровутӣ хоҷагии махсуси субтропикӣ таъсис дода шуда буд. Дар солҳои охир аз сабаби нарасидани об бисёр дарахтони субтропикӣ хушк шуданд (аз ҷумла боғи анҷир – 7 га, боғи челон – 2 га, боғи анор – 20 га, гармхонаҳои лимӯ – 0,6 га, бодом -8 га, ҳамагӣ 36 га). Дар ҳолати ~~ба~~ бооб таъмин намудан ва аз нав ташкил~~и~~ намудани ин боғҳо эҳтимолияти гирифтани даромади иловагӣ мавҷуд аст, вале аз сабаби дастрасӣ надоштан ба оби полезӣ хоҷагиҳо хисороти зиёд дида, ҳосилнокӣ сол то сол паст шуда истодааст.Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинонидани дарахтони бемева) дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки боғдорӣ дар оянда ривоҷ дода шавад. Тайи солҳои 2011-2015 дар

хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 263 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд карда шудааст, ки ин барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва таъмини аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ имконияти калон аст. Гарчанде дар ноҳия майдони боғу ток солҳои охир дар қиёс ба дигар шаҳру ноҳияҳои водии Вахш зиёд шуда бошад ҳам, вале ягон корхонаи коркарди мева бунёд нашудааст. Аз сабаби набудани корхонаи коркарди мева дар мавсими ҳосилгундорӣ қисми мева талафот ёфта, боиси ~~ҳисороти~~ хисороти зиёди хоҷагиҳои боғпарвар мегардад.

Хоҷагиҳои боғпарварӣ ноҳия бештар аз дарахтони мевадиҳанда ба парвариши дарахтони анор, зардолу, бодом, шафтолу, олу, нок, хурмо ва аз дарахтони бемева ба сафедор ва бед машғул мебошанд. Ҳаҷми истеҳсоли мева ва ангур дар панҷ соли охир мутаносибан 4,6 фоиз ва 4,9 фоиз афзоиш ёфтааст.

*Ҷадвали №5 Истеҳсол ва ҳосилнокии мева ва ангур дар солҳои 2011-2015*

| ***Номгӯӣ маҳсулот*** | ***в/ч*** | ***2011*** | ***2012*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** | ***2015 нисбати 2011 (бо %)*** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мева | тон | 4108 | 4133 | 4153 | 4204 | 4313 | 104,2 |
| **Ҳосилнокӣ** | **с/га** | **98,4** | **97,0** | **81,1** | **131,5** | **134,9** | **137,1** |
| Ангур | тон | 3693 | 3713 | 3745 | 3849 | 3865 | 104,7 |
| **Ҳосилнокӣ** | **с/га** | **169,4** | **170,3** | **171,8** | **176,5** | **177,3** | **104,7** |

~~Таи солҳои охир барои амалӣ гардонидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 №683 «ДарбораитадбирҳоииловагӣдоирбарушдисоҳаибоғутокпарварӣдарҶумҳурииТоҷикистонбароисолҳои 2010-2014» зиёд намудани майдони боғу токзор, истеҳсоли мева ва ангур дар солҳои оянда ба нақша гирифта шудааст.~~

Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ваҳашаротҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли меваҷот кӯмак расонад.

*Дар чор соли оянда дарёфти маблағ барои ҳимояи маҳсулотҳои кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи мазкур аст.*

***Системаи обёрӣ.*** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии соҳаи кишоварзии ноҳия мебошад. Ҳалли мушкилоти мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли

Отформатировано: выделение цветом

маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ноҳия 79 фоизи заминҳои обӣ тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд ва аз сабаби кӯҳнаву фарсуда шудан60 фоизи онҳо солҳои охирқисми зиёди заминҳои обӣ таъмин намудани оби полези мушкилиҳои ҷиддиро ба миён овардааст.

*Ҷадвали №46. Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар соли 2015*

| № | Номгӯиҷамоатҳо | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмирталаб | Майдони заминҳои обӣга |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Г.Гулмуродов | 10 | 4 | 6 | 500 |
| 2 | Ҷиликӯл | 2 | 1 | 2 | 100 |
| 3 | Деҳқонобод | - | - | - | 1100 |
| 4 | Нури Вахш | 12 | 6 | 6 | 3930 |
| 5 | 20 солагии Истиқлолияти ҶумҳурииТоҷикистон | 5/49 | 25 | 5/49 | 5200 |
| 6 | Навзамин | 2/2 | 1 | 2/1 | 603 |
|  | Ҳамагӣ дар ноҳия | 75 | 37 | 54 | 11433 |

Дар ноҳия 509 га замини корам бо сабаби аз фаъолият мондани шабакаҳои обтаъминкунӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Деҳқонобод - 40 га, Нури – Вахш - 150 га, 20 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии ТоҷикистонҶТ – 160 га, Навзамин – 110 га ва аз ҳисоби шӯршавию ботлоқшавӣ дар ҷамоати деҳоти ба номи Гарди Гулмуродов – 29 га ваҷамоати деҳоти Ҷиликӯл – 20 га аз истифодаи кишоварзӣ берун мондаанд.

Дар ҷамоати шаҳраки20 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии ТоҷикистонҶТ- 4116 га замини обӣ ба хоҷагии деҳқонӣ, 1250 га замини наздиҳавлигӣ, 159 га замини ёрирасон тааллуқ дорад, ки аз ин чор соли охир 2фоизи он тамоман обёрӣ карда намешавад (80 га).

Аз нарасидани оби полезӣ ба босабаби аз кор мондани пойгоҳҳои обкашн обкашӣдохили хоҷагиҳои ҷамоати деҳоти Нури Вахш бисёртар хоҷагиҳои деҳқонии “Кооперативи истеҳсолии кишоварзии (КИК) Эшбек Сатторов” (125га) танқисӣ мекашанд.

Ҳамаи заминҳои минтақаи Ғаровутӣ тавассути 4 канали асосӣ ва 5 стансияи обкашӣ обёрӣ карда мешаванд, ки ҳолати аз ҳама вазнин дар стансияҳои насосии №1 (1052 га), №3 (2466 га) ва №4 (1677 га) ба назар мерасад.

**Отформатировано:** Шрифт: Times New Roman, 11 пт, таджикский

**Отформатировано:** таджикский

**Отформатировано:** таджикский

**Отформатировано:** таджикский

**Отформатировано:** таджикский

Инчунин, дар минтақаи Ғаровутӣ аз мавзеи канали 5 боло зиёда аз 9,0 ҳазор заминҳои обии бекорхобида мавҷуд аст, ки аз сабаби набудани оби полезӣ солҳои тӯлонӣ аз худ нагардидаанд. Барои азхудкунии ин заминҳо маблағи зиёд лозим аст.Дар ҳолати обёрӣ намудани ин заминҳо эҳтимолияти зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мавҷуд аст.

***Чорводорӣ.*** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 28,5фоизро ташкил медиҳад. Соли 2015 хоҷагиҳои чорводории ноҳия 145,8 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, дар қиёс бо соли 2014 - 4,3 фоиз ё 6,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

*Ҷадвали №~~5~~7. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2013-2015*

| *Номгӯи маҳсулот* | *Воҳиди ченак* | *Солҳо* | | | *2015 нисбати 2013 (%)* |
|---|---|---|---|---|---|
| | | *2013* | *2014* | *2015* | |
| *Гӯшт бо вазни зинда* | *тонна* | 2816 | 3268 | 3585 | 127,3 |
| *Шир* | *тонна* | 22863 | 24205 | 24487 | 107,1 |
| *Тухм* | *ҳаз.дона* | 2627 | 2774 | 2888 | 109,9 |
| *Пилла* | *тонна* | 32,2 | 25,9 | 26,0 | 82,7 |
| *Асал* | *тонна* | 16 | 16,3 | 16,4 | 102,5 |
| *Пашм* | *тонна* | 95 | 97 | 99 | 104,2 |

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия то 1 январи соли 2016 ҳамагӣ 95692 сар чорво ва 56641 сар парранда ба қайд гирифта шудааст.

*Ҷадвали№~~6~~8. Саршумори чорво дар солҳои 2013-2015(сар)*

| *Номгӯй* | *Солҳо* | | | |
|---|---|---|---|---|
| | *2013* | *2014* | *2015* | *2015 нисбати 2013(%)* |
| Чорвои калони шохдор | 32967 | 33090 | 36121 | 109,5 |
| *аз ҷумла модагов* | *18701* | *18767* | *20526* | *109,7* |
| Бузу гӯсфанд | 52446 | 52644 | 58688 | 111,9 |
| Асп | 857 | 863 | 883 | 103,0 |
| Парранда | 50974 | 53592 | 56641 | 111,1 |

**Отформатировано:** Шрифт: 11 пт, таджикский

Дар ноҳия 90 фоиз саршумори чорво ба ~~сектори~~ аҳолӣ ва 10 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Ҳамчунин, дар ноҳияи Дӯстӣ 1 хоҷагии зотпарварӣ фаъолият дорад. Барои беҳтар ва зиёд намудани маҳсулнокии чорво дар хоҷагии Эргаш Султонов ва Эшбек Сатторов

нуқтаи бордоркунӣ фаъолият дорад, ки тавассути ин нуқтаҳо 25 фоизи чорво ба таври сунъӣ бордор карда мешавад.

Ҳамзамон, бо дастгирии молиявии Ташкилоти Байналмиллалии Озуқаворӣ (ФАО) дар ҷамоатҳои деҳоти Ҷилликӯл, Нӯри Вахш ва 20 солагии Истиқлолияти ҶумҳурииТоҷикистон~~ҶТ~~ нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво ташкил кардашудааст, ки ба хоҷагиҳои чорвопарварии ноҳия хизмат мерасонад.

Дар ноҳияиДӯстӣ барои рушд додани соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст (43%-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо 26300 га), вале чарогоҳҳо самаранок истифода бурда намешавад.Аз 11 хоҷагие, ки ба чорводорӣ машғул аст, танҳо ба 2 хоҷагӣ чарогоҳизимистонаю тобистона вобаста шудааст ва дигар хоҷагиҳои чорводор бошад ба чарогоҳ дастрасӣ надоранд.

Мушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ аст. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз ~~самтҳои~~ лоиҳаҳои асосии Барномаи рушди ноҳия ~~дар ояндаи наздик~~ аст. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойи нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат менамояд.

***Занбӯри асалпарварӣ.*** Занбӯри асалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Дӯстӣ барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳия рушд ёфта, истеҳсоли он тадриҷан зиёд шудааст. ~~Тӯли~~ Давоми чор соли охир оилаи занбӯри асал қариб 10 маротиба зиёд шуда, истеҳсоли он ба16,4 тонна расонида шудааст. *Зиёд намудани истеҳсоли асал дар чор соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст.*

***Бойторӣ.***Рушди соҳаҳои чорводорӣ, асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хадамоти сифатноки бойторӣ ҷиҳати саривақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вабастагӣ дорад. Дар ноҳия як идораи бойторӣ, чор минтақаҳои бойторӣ, як клиникаи хусусии бойторӣ ва ду дорухонаи бойторӣфаъолият дорад.

**Отформатировано:** Шрифт: 14 пт

**Отформатировано:** Отступ: Первая строка: 1 см

**Отформатировано:** Шрифт: не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: не курсив

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои карасон (эмкор), зардкасал (лентоспироз), хорӣ (бешенства), вабои сумдарди ҳайвонот ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда, ҳамзамон вабои мурғҳои хонагӣ (псвдочума) ба мушоҳида мерасад. Маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сӯхтанӣ -75%, вабои сумдард 17 %, гули моли майда 10-15 %, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-80 % ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100 фоиз аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин, пеш аз ҳама, набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, баланд будани нархи доруворӣ ва дастрасӣ надоштан ба ваксинаҳо мебошад. Барои беҳтар намудани зотнокӣ, маҳсулнокӣ ва солим нигоҳ доштани чорвои зотӣ аз бордоркунии сунъӣ бо ваксинаи тейлериоз таъмин намудани хоҷагиҳои чорводор лозим аст, вале хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо ваксина пурра таъмин нестанд ва он аз дигар давлатҳо оварда мешавад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии бойторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

*Ташкил намудани ҷойҳои махсус барои забҳ(ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим), гӯронидан ва сӯзонидани чорвоиталафётаи шубҳанок, дорои касалии сироятӣ* (яма бекри) *ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагӣ аз ифлосшавии муҳити атроф яке аз самтҳои асосии Барнома дар чор соли оянда мебошад.* Дар ҷамоатҳои ноҳия барои безарар гардонидани чорвои фавтида ҷои махсус (яма бекри) вуҷуд надорад.

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилии ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

**Мушкилии соҳа:**

- *Фарсуда ва корношоям гаштани техникаҳои мавҷуда(286 техника) дар хоҷагиҳои кишоварзӣ, набудани базаи моддию техникӣ ва техникаи ҳозиразамон;*
- *Саривақт таъмин нагардидани тухмии хушсифат, баланд шудани нархи сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар тарифҳои хадамотӣ;*
- *Маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмӯҳлат;*
- *Паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати баъди инфрасохтор дар хоҷагиҳои кишоварзӣ бахусус дар системаи таъминоти нокифоя бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;*
- *Қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ;*
- *Дстгирӣ накардани тасмимгирии деҳқонон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот;*
- *Набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти мева, сабзавот ва ширию гӯштӣ;*
- *Аз фаъолият бозмондани 65 пойгоҳи обкашӣ ва бо оби полезӣ таъмин набудани 2348 га замини обӣ;*
- *Бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, фарсуда гардидани системаи ирригатсионӣ ;*
- *Баланд шудани сатҳи оби зеризаминӣ дар ҷамоатҳои «Ҷиликӯл» ва<u>ба номи </u>~~«~~Гардӣ Гулмуродов~~»~~;*
- *Нобаробар тақсим кардани чарогоҳҳо байни хоҷагиҳои чорводор;*
- *Набудани бинои бойторӣ дарсатҳи ҷамоатҳо ва хизматрасонии пасти бойторӣ;*
- *Риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ва истифода набурдани системаи киштгардон;*
- *Паст шудани ҳосилнокии зироатҳо;*
- *Набудани нуқтаҳои қабули пӯсту пашм ва коркарди он;*
- *Таъмин набудани хоҷагиҳои чорводор бо ваксинаҳо;*
- *Набудани ҷойҳои махсуси забҳи чорво ва ~~ҷоҳҳои~~ <u>чоҳҳои</u> махсус барои безараргардонӣ аз касалиҳои сирояткунанда;*

- *Сатҳи баланди андоз аз замин дар муқоиса бо дигар минтақаҳо ва набудани маълумоти аниқи оморӣ оид ба саҳм~~ия~~дорон.*

**2. Саноат ва соҳибкории хурду миёна**

**2.2. Саноат**

Дар ноҳияиДӯстӣ 3 корхонаи саноатӣ фаъолият дорад.Ҳадафи асосии соҳаи саноатдар чорсоли оянда ин баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаи саноатӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири замонавӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мебошад. Соҳаи саноати ноҳия асосан дар самти истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ махсус гардонида шудааст.

*~~Ҷадвали~~ Диаграммаи №~~1~~5. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)*




Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таи чор соли охир 4,9фоиз афзоиш ёфта, 2,1фоизи маҳсулоти умумии саноатии вилоятро дар соли 2015 ташкил дод.Аз рӯи нишондиҳандаи дурнамо аз ҳисоби кордаровардани иқтидорҳои нав соли 2020дар қиёс ба соли 2015болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 20,5фоиз дар назар дошта шудааст.

Корхонаи ҶДММ «Ориён» аз сабаби фарсуда ва корношоям шудани таҷҳизотҳои техникӣ аз фаъолият боз мондааст ва барои ба кор ~~даравардани~~ даровардани он дастрас намудани технологияи ҳозирazамон лозим аст.

Дар ҳолати аз нав бафаъолият шурӯъ намудани корхона 200 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин мешаванд.

Отформатировано: таджикский

Отформатировано: таджикский

Ҳамчунин, дар чор соли оянда бунёди корхонаи коркарди меваю сабзавот дар ҷамоатҳои шаҳраки 20 солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамоати деҳоти Ҷиликӯл дар назар аст.

Отформатировано: таджикский

Дар шароити кунунӣ корхонаҳои саноатии ноҳия аз рӯи иқтидори лоиҳавиашон фаъолият намекунанд.

*Ҷадвали № ~~2~~9. Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ*

Отформатировано: таджикский

| ***Номгӯйи корхонаҳои саноатӣ*** | ***Самти фаъолият*** | ***Иқтидори лоиҳавӣ*** | ***Иқтидор и воқеӣ*** | ***Ҳолати техникӣ*** | ***Истифодабаран дагони маҳсулот*** | ***Шумораи ҷойҳои корӣ*** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «Оли Сомон» | Коркарди пахта | 10 ҳаз.тон./сол | 4,0 ҳазор тонна | Коршоям | ФедератсияиРос сия | 61 |
| ҶДММ «Ҷунтай Хатлон Син Силу» | Коркарди пахта | 30 ҳаз.тон./сол | 10 ҳазор тонна | Коршоям | Ҷумҳурии Чин | 80 |
| ҶДММ «Само» | Коркарди пахта | 10 ҳаз.тон./сол | 5,0 ҳазор тонна | Техноло-гияи нав | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15 |
| ҶДММ «Ватан» | Коркарди шағал, қум ва гаҷ | 30 т/дар як рӯз | 30 тонна/да р як рӯз | Техноло-гияи кӯҳна,кор шоям | Аҳолии ноҳия | 11 |
| ҶДММ «Ориён» | Коркарди пахта | 10 ҳазор тон/сол | 8 тонна/да р як рӯз | Фарсуда | ФедератсияиРос сия | 17 |

***Иқтидор.*** Ҳамсарҳад буданиноҳия ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва наздик будани он ба Минтақаи озоди иқтисодии "Панҷи Поён" ба рушди иқтидори саноатии он таъсири мусбӣ мерасонад. Корхонаҳои саноатии ноҳия ҳудуди васеъ ва анбору биноҳои зиёд дорад, ки барои таъсиси сехҳои (коргоҳҳои) нав ҷиҳати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нақши калон мебозад.

Дар ҳолати бунёди коргоҳҳои (~~сехҳои~~сехҳои)~~(коргоҳҳои)~~ нав имконияти зиёд шудани маҳсулоти содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд, ки ин метавонад рушди бемайлониноҳияро таъмин намояд.

***Ҷанбаҳои экологӣ.*** Таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. Корхонаҳои саноатӣ шиносномаи экологӣ надоранд. Дар корхонаҳои ~~мавҷуда~~ саноатии ноҳия таҷҳизот~~мушоҳида~~оид ба партовҳои моддаҳои зараровар ба фазо ба роҳ монда нашудааст.

Отформатировано: выделение цветом

*Ҷадвали №~~3~~10. Партовҳои моддаҳои зараровар ба фазоаз корхонаҳои саноатии ноҳияи Дӯстӣ*

| ***Номгӯйи моддаҳои зараровар*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ тн/дар як сол | 99,022 | 99,51 | 104,63 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 98,9 | 99,4 | 104,5 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Газмонанд ва моеъ: | 0,068 | 0,068 | 0,068 |
| CO (оксиди карбон) | 0,053 | 0,053 | 0,053 |
| NOx (оксиди нитроген) | 0,015 | 0,015 | 0,015 |

**Мушкилии соҳа:**

- *Кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии корхонаҳо;*
- *Истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;*
- *Набудани сармояи дохилию хориҷӣ барои рушди соҳа ва имконияти маҳдуд ҷиҳати фаъолият дар реҷаи такрористеҳсолкунии васеъ.*

## 2.3.Соҳибкории хурду миёна

***Зарурияти соҳибкорӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ***. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар рушди иктисодиёти ноҳия накши калон мебозанд. Ҳаҷмимаҳсулоте, ки аз ҷониби ~~соҳибкории~~ соҳибкорони хурду миёна истеҳсол мешавад, сол то сол тамоюли болоравӣ дорад.

*Диаграммаи №~~1~~6. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонии СХМ дар солҳои 2013-2015*




Накшисоҳибкорони хурду миёна бисёртар дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат ба назар мерасад.Ҳамзамон, дар соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонии маишӣ, сохтмон, наклиёт ва коммуникатсия низ хело хуб рушд ёфтааст.

*Диаграммаи №~~2~~7: Ҳиссаи маҳсулоти истеҳсолшудаи СХМ аз рӯи соҳаҳо~~.~~*




Гузаштани корхонаҳои кишоварзӣ ба шакли нави хоҷагидории тарзи коллективӣ ва хусусӣ, инчунин таъмини иҷрои ислоҳоти замин ба афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мусбат расонид.

СХМ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои корӣ, бахусус дар самти кишоварзӣ нақши беандоза мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар ~~сектори~~ бахши хусусӣ 60 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №~~1~~11: Нақши СХМ дар таъмини ҷои корӣ аз рӯи соҳаҳо дар соли 2015*

| ***Соҳаҳои иқтисодӣ*** | ***Шумораи субъектҳои ба қайдгирифта*** | | ***Шуғл*** | |
|---|---|---|---|---|
| | ***Шахсони ҳуқуқӣ*** | ***Шахсони воқеӣ*** | ***Шумораи ҷои корӣ*** | ***Ҳисса дар шуғли умумӣ*** |
| Кишоварзӣ бо назардошти коркард | 15 | 1108 | 7279 | 39,5 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 1 | - | 11 | 0,05 |
| Тиҷорат | 14 | 241 | 241 | 2,2 |
| Соҳаи хизматрасонӣ | 7 | 82 | 138 | 0,7 |
| Сохтмон | 2 | 3 | 21 | 0,1 |
| Хизматрасонии молиявӣ | 7 | - | 43 | 0,2 |
| Ҳамагӣ: | *40* | 1434 | 7733 | 42,0 |
| ***Ҳамагӣ ба кор таъминбуда:*** | ***40*** | ***1434*** | ***18500*** | ***100*** |

Аз маълумоти расмӣ ҳиссаи соҳибкорон дар даромади буҷети маҳаллӣ қариб 76 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №12.Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз СХМ (ҳазор сомонӣ)*

| ***Соҳаҳо*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
|---|---|---|---|
| *Кишоварзӣ* | *3946,7* | *4121,7* | *4539,7* |
| *Саноат* | *4671,5* | *4847,6* | *5721,5* |

| | | | |
|---|---|---|---|
| *Савдо ва хизматрасонӣ* | *942,1* | *1052,3* | *1360,0* |
| **Ҳамагӣ** | **9560,3** | **10021,6** | **11621,2** |

***Мушкилии соҳибкорӣ.***Мушкилии асосие, ки ба инкишофи соҳибкорони хурду миёна дар ноҳия халал мерасонад, аз инҳо иборат аст:

-набудани маблағи хусусӣ барои сармоягузорӣ ва бизнес;

-мушкилот дар дастрасӣ ба қарз (сатҳи баланди фоизи қарз,содда набудани бақайдгирӣ,амонат мондани ашё барои қарзгирӣ), монеаҳои маъмурӣ;

- набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо.

***Хизматрасонӣ барои рушди бизнес.*** Ба сатҳи баланди фоиз нигоҳ накарда талабот байни соҳибкорони хурду миёна ба қарзи бонкӣ дар ноҳия хело зиёд аст. Дар ҳудуди ноҳия якчанд ташкилотҳоиғайридавлатии қарздиҳии хурд, аз ҷумла«Ҳумо», «ИМОН Интернешл», «Оксус», «Финка», «Зайналобиддин», «Аввалин бонки молиявии хурд» ва филиал~~ҳо~~и бонки давлатии амонатгузорӣ “Амонатбонк”,филиалҳои “Агроинвестбонк” ва “Ориёбонк” фаъолият доранд.

Дар соли 2015 аз тарафи ташкилотҳоиқарздиҳиихурдимикёси ноҳия бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти соҳибкорӣ, парваришичорво ва дигар намудҳои зироаткориву боғдорӣ, ба аҳолӣ, хоҷагиҳоидеҳқониихурд ба 4109 нафар ба маблағи 27 млн. 649 ҳазору 843 сомонӣқарзҳои кӯтоҳмуддат дода шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2014 (931 нафар) 4 млн. 228 ҳазору 061 сомонӣ зиёд қарз ~~гирифта~~ пешниҳодшудааст.

Қарзҳои кӯтоҳмуддат барои хизматрасонӣ 1 млн. 396 ҳазору 544 сомонӣ, батиҷоратӣ 3 млн. 913 ҳазору 933 сомонӣ, ба соҳаи пахтакорӣ 2 млн. 699 ҳазору 433 сомонӣ,базироаткорӣ 10 млн. 315ҳазору 883 сомонӣ, парвариши чорво 3 млн. 596 ҳазору 011 сомонӣ, ба соҳаи сохтмон 2 млн. 437 ҳазор 227 сомонӣ, паррандапарварӣ 550 ҳазор сомонӣ ва барои қарзҳои истеъмолӣ 2 млн. 740 ҳазору 812 сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон,давоми соли 2015 тавассути бонкҳо интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ 1 млрд. 478 млн. 683 ҳазору 909 рубли русӣ ва 3 млн. 983 ҳазор 43 доллари амрикоӣ интиқол дода шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли 2014 ба маблағи 35 млн. 432 ҳазор 936 рубли русӣ зиёд ва 5 млн. 64 ҳазор 94 доллари амрикоӣ кам мебошад.

Бояд қайд кард, ки соҳибкорони ноҳия ба кӯмакӣ машваратии профессионалӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи бароmадан ба бозори ҷаҳонӣ), таҷҳизотҳои лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба ахборот, ҳамчунин дастрасӣ бо сохтори кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

## Боби 3.Соҳаҳоиичтимоӣ

### 3.1. Соҳаи маориф

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: 11 пт, полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: 11 пт, полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: 11 пт, полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный, не курсив

**Отформатировано:** Шрифт: 11 пт, полужирный, не курсив

**Отформатировано:** междустрочный, одинарный

**Отформатировано:** По левому краю

Таъмини маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор ва одилона буда, ҳадафи чаҳоруми Ҳадафҳои ~~Рушди~~ рушди ~~У~~устувор (ҲРУ) аст. Таълимоти маълумоти босифат омили муҳими расидан ба рушди устувор ва одилона аст. Соҳаи маориф дар сатҳи ~~маҳаллӣ~~ минтақаҳобо мақсади ба даст овардани маълумоти хушсифат ва ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи табақаҳои аҳолӣ нигаронида шудааст.

Отформатировано: не выделение цветом

Фаъолияти асосӣ барои ҳалли тамоми вазифаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар соҳаи маориф аз чунин вазифаҳо иборат аст:

а) барқарорсозии инфрасохтори муассисаҳои томактабӣ ва мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ;

б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ;

в) бунёди мактабҳои нав;

г) ҷалби ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо.

***Сатҳи умумии маълумотнокӣ.*** Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Дӯстӣ, аз ҷумла занон солҳои охир афзоиш ёфтааст.

*Ҷадвали №1~~3~~. Сатҳи маълумотнокӣ~~.~~*

| *Солҳо* | *2015* | |
|---|---|---|
| *Сатҳи маълумотнокӣ* | *ҳамагӣ* | *аз ҷумла занон* |
| *Маълумоти олии касбӣ* | *10240* | *2731* |
| *Маълумоти миёнаи касбӣ* | *15360* | *4579* |
| *Маълумоти миёнаи умумӣ* | *30720* | *13964* |

***Маълумоти то~~ муассисаи таълим~~мактаб~~ми~~й.***Дар ноҳия 2 боғчаи кӯдакон дорои 15 гурӯҳ: гурӯҳҳои аз 1,5 то 3 сола,~~ ва~~ аз 3 ~~—~~то4 сола вааз 5 то~~-~~ 6 сола фаъолият мекунад, ки 325 нафар кӯдакон ба он фаро гирифта шудааст. Фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои то~~ муассисаи таълими~~мактабӣ 0,2 фоизро ташкил медиҳад, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои пасттарин дар сатҳи ҷумҳурӣ мебошад. Талабот ба муассисаҳои томактаб~~ муассисаи таълими~~ӣ дар ноҳия зиёд аст, вале аз сабаби маҳдуд будани ҷой ва набудани кӯдакистон на ҳамаи кӯдакон ба он дастрасӣ доранд (зиёда 100 нафар барои ҷой дархост намудаанд). Дар кӯдакистон 15 нафар мураббии дорои маълумоти педагогӣ ба таълиму тарбияи наврасон машғул мебошанд.

Сабаби асосии ба муассисаҳои томактаб~~ муассисаи таълими~~ӣ фаро кӯдакон нарасидани ҷой дар кӯдакистонҳои маҷуда ва набудани боғчаҳо ва кӯдакистонҳо мебошад.

Дар баробари ин,бинои боғчаи кӯдаконаи № 1 ба таъмири асосӣ ниёз дора~~н~~д. Дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани системаи зарурии гармидиҳӣ биноҳо ба воситаи таҷҳизоти гармидиҳии алобӣ (печкаҳо) гарм карда мешаванд.

Бо мақсади зиёдтар фаро гирифтани кӯдакони ноҳия ба муассисаҳои томактабӣ, дар чор соли оянда бунёди муассисаҳои томактабӣ ва дар назди муассисаҳои таълимӣ таъсис додани гӯруҳҳои Маркази инкшофи кӯдакон ~~мақсаднок ~~зарурият дорад.

***Маълумоти миёнаи умумӣ.*** Дар ҳудуди ноҳия 38 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 5 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 2 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ва 1 гимназия фаъолият мекунанд. Аз ин муассисаҳо 23муассиса ба забони тоҷикӣ, 12 муассиса ба забони ӯзбекӣ, 2 муассиса бо забони туркманӣ, 5муассиса бо забони тоҷикӣ – ӯзбекӣ ва 4 муассиса бо забони тоҷикӣ - туркменӣ мебошад.

*Ҷадвали №~~2~~14. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| *Синфҳо* | *2013-2014* | | | | *2014-2015* | | | | *2015-2016* | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтар.* | *Ҳамагӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтар.* | *Ҳамаигӣ* | *Писар* | *Духтар* | *% духтар.* |
| *I-IV* | 8762 | 4529 | 4233 | 48,3 | 8662 | 4526 | 4136 | 47,7 | 6794 | 2523 | 4271 | 62,9 |
| *V-IX* | 11221 | 5951 | 5270 | 46,9 | 11188 | 5934 | 5254 | 46,9 | 13174 | 7905 | 5269 | 40 |
| *X-XI* | 2618 | 1543 | 1075 | 41,06 | 2782 | 1618 | 1164 | 41,8 | 3087 | 1745 | 1342 | 43,5 |
| *Ҳамагӣ* | 22601 | 12023 | 10578 | 46,8 | 22632 | 12078 | 10554 | 46,6 | 23055 | 12173 | 10882 | 47,2 |

**Отформатированная таблица**

Шумораи хонандагон дар соли таҳсили 2015 – 2016 нисбати соли таҳсили 2013 – 2014 ба андозаи 2 фоиз зиёд шудааст. Фарогирифтани духтарон дар синфҳои болоӣ назар ба соли 2013-2014 - 2,87 фоиз зиёд мебошад.

***Шумораи талабагон дар синф.***Мутобиқи «Низомнома дар бораи муассисаҳои таҳсилоти маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 талаба муқаррар гардидааст. Айни замон дар 87 фоизмуассисаҳои таҳсилии ноҳия шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 30 – 35 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат намекунад.

Баъзе муассисаҳои таълимии ноҳия аз нарасидани озмоишгоҳҳои фаннӣ (химия, биология ва физика), воситаҳои таълимӣ (мизу курсӣ, тахтаи синф, компютер, принтер ва ғайра) танқисӣ мекашанд.

***Компютеркунонии муассисоҳои ~~таълимит~~таълимӣ.***Бо мақсади таъмини иҷрои талаботи “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” то имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 41 синфи компютерӣ, 616 адад компютер, 123 адад принтер, 35 адад генератор мавҷуд аст. Барои дастрасии пурра 44 адад компютер иловагӣ лозим аст.

***Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.***Ҷиҳати дастгирии ~~ба таълиму тарбия фаро гирифтани хо~~хонандагон азѝ ~~и~~ оилаҳои камбизоат мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010, №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар муассисои таълимиҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд”ҳар нимсола ба 15 фоизи онҳо ҷубронпулӣ ба миқдори 20 сомонӣ пардохт карда мешавад.

***Маълумот оид ба таъмини муаллимони муассисои таълими~~ҳо~~и миёнаи умумӣ***. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 1437омӯзгор фаъолият мекунад, ки аз ин 52 фоизаш занҳо мебошанд.

*Ҷадвали №~~3~~15. Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| ***Нишондиҳандаҳо*** | ***2012-2013*** | ***2013-2014*** | ***2014-2015*** | ***2015-2016*** |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 11192 | 1225 | 1330 | 1434 |
| аз ҷумла, занон | 633 | 641 | 698 | 752 |
| Дорои маълумоти олӣ | 595 | 620 | 720 | 791 |
| аз ҷумла, занон | 218 | 220 | 280 | 327 |
| Олии нопурра | 58 | 58 | 83 | 155 |
| аз ҷумла, занон | 38 | 38 | 56 | 101 |
| Миёнаи касбӣ | 368 | 373 | 368 | 368 |
| аз ҷумла, занон | 256 | 259 | 242 | 230 |
| Миёнаи умумӣ | 171 | 174 | 159 | 126 |
| аз ҷумла, занон | 121 | 124 | 120 | 94 |

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный

**Отформатировано:** Шрифт: полужирный

**Отформатировано:** Шрифт: не полужирный

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи панҷ соли охир 86 нафар муаллим корро тарк намуда, ба ~~дигар~~ корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. ***Муассисаҳои таълимии ноҳия ба 15 нафар*** омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ)ниёз доранд.

***Барқарорсозии инфраструктураи муассисаҳои таълимӣ.*** Муассисаҳо~~т~~и таҳсилоти № 22, 27, 30, 5, 8, 9, 10, 15, 18, 23, 24 дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, гузаронидани таҳсил дар ин муассисаҳо хеле хатарнок мебошад.

Дар деҳаи “Сотсиализм”-и ҷамоати деҳоти “Деҳқонобод” ва деҳаи Гоголи ҷамоати деҳоти “Нури Вахш” бунёди муассисаи таълимии нав зарурият дорад. Барои сохтмони муассисаи таълимии №8 дар ҷамоати деҳоти “Ҷиликул” замин ҷудо шудааст.

Дар ноҳия сохтмони биноҳои нави таълимии 2 муассисаи таълими (дорои 16 синфхона ва 400-ҷои нишаст) дар ҷамоатҳои “Деҳқонобод” ва “Нури Вахш” идома дорад.

***Таълими маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.*** Тайёр намудани кадрҳо яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати стратегии давлат буда, ҳарчи бештар қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ба мутахассисони таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбӣ, такмил ва ислоҳи низоми он, ворид шудан ба фазои ягонаи меъёрҳои байналмиллалии таълимӣ мақсади он мебошад.

Дар ноҳия ~~1~~ филиали омӯзишгоҳи тиббӣ ва ~~1~~ омӯзишгоҳи касбию техникии №25 фаъолият доранд, ки дар омода намудани кадрҳо саҳмгузор мебошанд. Омӯзишгоҳи касбию техникии №25 аз рӯи касбҳои кафшергари~~н~~ барқию газӣ, муҳосиби хоҷагии қишлоқ, механизатор, ронанда ва дӯзанда мутахассис тайёр мекунад. Дар омӯзишгоҳ барои хонандагон шароити хониш ва хобгоҳ муҳайё карда нашудааст ва техникаю таҷҳизотҳои мавҷуда фарсуда буда, ба талаботи ҳозира ҷавобгӯй нестанд. Дар навбати аввал аз таъмири асосӣ гузаронидани хобгоҳ, ошхона, синфхонаҳо, толори варзишӣ ва толори маҷлисгоҳ зарурият доранд.

***Мушкилиҳои асосии соҳа:***

*-~~сохтмони~~ набудани бинои алоҳидаи замонавии~~бинои~~ шӯъбаи маориф;*

*-бунёди мактаби нави №14 дар деҳаи Ҷомии Ҷамоати деҳоти ба номи “Г.Гулмуродов”, №7 дар деҳаи Ғалаба, таъмири асосии садамавии мактаби №9 ва №5 дар деҳаи Мировойи Ҷамоати деҳоти “Дӯстӣ”, №25, №23 дар*

*деҳаи “Янгиобод”, №24 дар деҳаи Гоголи Ҷамоати деҳоти “Нури Вахш”, №16 дар деҳаи Ленин, №18 дар деҳаи Қубодиён, №30 дар деҳаи Шаҳринав;*

*-нарасидани синфхонаҳои таълимӣ дар мактабхои №№5, 6, 11, 14, 15, 19, 21, 25, 34, 41, 42, 43, 44, 45 вагимназия;*

*-дар ҳолати корношоям қарор доштани системаи гармидиҳии мактабҳои №№ 1, 2, 4,7,8,9,12,13,14,16,23,24,26,27,32,33,37;*

*-таъмирталаб будани толори варзишии мактабҳои №№ 9, 13, 27 ва набудани майдонҳои варзишӣ дар мактабҳои №№ 15, 17, 21, 38;*

*-набудани системаи таъминот бо оби нӯшокӣ дар мактабҳои №№1, 2, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 17, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29, 30, 31, 32, 33, 34, 35, 36, 37, 38, 39, 40, 41, 42, 43, 44, 45 ва гимназия.*

### 3.2. Солимии аҳолӣ

Дар бахши тандурустӣ равандҳои асосии дастёбӣ ба ҳалли масъалаҳои ҲРУ аз инҳо иборат аст:

-сохтмон ва барқарор кардани бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳот;

-бо таҷҳизоти тиббӣ ва доруҳои асосии шифобахш таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия;

-ба васоити пешгирикунадаи ҳамл таъмин намудани ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;

-зиёд кардани мунтаносибии ДОТС;

-дар сатҳи ноҳия пурқувват намудани чораҳои мубориза бо бемориҳои сирояткунанда;

-ташкил намудани чорабиниҳои самарабахш дар заминаи пешгирӣ ва мубориза ба ВНМО дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон;

-ба роҳ мондани маъракаи мубориза бо бегичагардонӣ (гелминтозҳо) дар байни кӯдакони то 14-сола;

-таъмини муассисаҳои тандурустии ноҳия (хусусан дар сатҳи деҳот) бо мутахассисони маълумоти олидор ва миёна;

-таъмин намудани мутахассисони ҷавон бо манзилҳои истиқоматӣ ё қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ.

***Давомнокии миёнаи умр.*** Ташаккули тарзи солими зиндагӣ яке аз омилҳои муҳими беҳбуд ёфтани нишондиҳандаҳои марбут ба шеваи дурусти ҳаёт мебошад. Чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи солими зиндагӣ дар ноҳия аст.

Мувофиқи арзёбиҳо, ҳоло нишондиҳандаҳои миёнаи ~~тӯли~~ давомнокии умр 63 - 55 сол аст: барои мардон 53 – 61 сол ва барои занон 69 - 79 сол. Нишондиҳандаи мазкур дар ноҳия назар ба дигар ноҳияҳои вилоят 4 - 6 сол пастар аст.

***Бемориҳои паҳншуда.*** Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда байни аҳолии ноҳия ин фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола), ҷоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, илтиҳоби шохаи кӯррӯда (апендисит), санги талха, гурда, бемории меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, осеббардорӣ (травма), аворизҳои баъди таваллудӣ дар байни навзодон ва камвазнӣ (гипотрофия) ва рахит мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо байни аҳолӣ саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, таъмин набудани аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, камбизоатӣ ва дигар омилҳо мебошад.

***Саломатии модар ва кӯдак:*** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи иҷтимоии ноҳияи Дӯстӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он дастрас намудани аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ аст.

*Ҷадвали №~~1~~16. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар*

| ***Нишондод*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 3092 | 3387 | 3092 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 2959 | 3286 | 2947 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 95,6 | 97,0 | 95,3 |
| Таваллуд дар хона | 133 | 101 | 145 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 4,4 | 3,0 | 4,7 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зинда таваллуд) | 1-32,3% | 1-29,5% | 1-32,3% |

Дар беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад.

*Ҷадвали №~~2~~17. Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд дар давраи солҳои 2013-2015*

| ***Нишондод*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 4102 | 5378 | 4642 |
| Камхунӣ | 955 | 754 | 898 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 23,2 | 14,0 | 19,3 |
| Гирифтори ҷоғар | 76 | 68 | 54 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 1,8 | 1,2 | 1,1 |

Таи се соли охир шумораи занҳои гирифтори~~и~~ бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда ба ҳисоби миёна 72 фоиз ва ҷоғар 3,3 фоиз афзоиш ёфтааст ва дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтори оризаи ҳомиладории занҳо оварда мерасонад (ба оқибатҳои вазнини то фавти модар ва кӯдак).

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагеneталӣ (аз ҷумла бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

*Ҷадвали №~~3~~18. Сатҳи фавти кӯдакон*
*дар солҳои 2013-2015*

| ***Нишондод*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдак то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 8 | 16 | 12 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 2,5 | 4,7 | 3,8 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 68 | 69 | 58 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 21,9 | 20,3 | 18,7 |

Фавти кӯдакони то як сола таи се соли охир қариб 61 фоиз афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии фавти кӯдакони то 1 сола ва то 0-5 сола аз омилҳои зерин иборат аст:

1. *Баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (06 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила.*
2. *Баланд будани бемориҳои роҳи нафас (гарчанде фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст), паст будани маърифатнокии модарон ва шароити пасти иҷтимоии оилаҳои дурдасти кӯҳистон.*
3. *Сатҳи пасти муассисаҳои КАТС (аз сабаби нарасидани маблағ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо).*

*4. Баланд будани бемориҳои радифӣ, аз ҷумла камгизоғӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо.*

***Бемориҳои сироятӣ***. Ҳолати санитариву эпидемиологӣ ба талабот ҷавогӯй нест ва ин боиси афзоиши бемориҳои сироятӣ дар ноҳия гардидааст.

*Ҷадвали № 419. Тамоюли тағйирёбиибемориҳои сироятӣ дар солҳои 2013-2015*

| ***Намуди бемориҳои сироятӣ*** | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
|---|---|---|---|
| Бемории сил | 77 | 72 | 81 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 79,1 | 72,8 | 79,1 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидани ҳайвонҳо | 98 | 117 | 236 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 100,6 | 118,3 | 230,5 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 1 | 1 | - |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 1,0 | 1,0 | - |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меда | 529 | 341 | 103 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 543,4 | 345,0 | 100,6 |
| Гелминтоз | 219 | 261 | 146 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 225,0 | 264,0 | 142,6 |
| Бемории ВИЧ/СПИД | 20 | 27 | 38 |

Солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории сил, бемориҳои шадиди рӯдаву меъда, гелминтоз зиёд шудааст. Таи се соли охир аз бемории сил 22 нафар фавтидааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироатӣ ин бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин набудани аҳолӣ, бад будани ҳолати санитариву эпидемиологии муассисаҳои таълимӣ, маишӣ, хӯроки умумӣ, набудани партобгоҳҳо, хизматрасонии пастирифоӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ мебошад. Дар ноҳия беморони гирифтори ВИЧ/СПИД ба назар мерасад.

***Бемориҳои ғайрисироятӣ.***Дар ноҳияи Дӯстӣ бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани маърифатнокиии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, саривақт мурожиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

***<u>Сохтори соҳаи тандурустӣ ва равандиислоҳот.</u>*** Системаи тандурустии ноҳияи Дӯстӣ аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Ҷадвали №~~5~~20. Муассисаҳои тиббии ноҳияи Дӯстӣ*

| | |
|---|---|
| *Сохтори шабакаҳои КАТС* | *Ҷамъ 56 муассисаҳои КАТС* |
| • *Маркази саломатии ноҳиявӣ* | *1 адад шаҳраки Ғаровутӣ* |
| • *Марказҳои саломатии деҳот* | *14* |
| • *Бунгоҳи саломатӣ* | *32* |
| *Муассисаҳои бистарикунонӣ* | *Ҷамъ: 47* |
| | *1 - беморхонаи марказӣ* |
| | *4 -беморхонаҳои минтақавӣ* |
| | *1- беморхонаи рақамӣ* |
| | *2- таваллудхонаҳои минтақавӣ* |
| | *2-Беморхонаи сироятии ноҳиявӣ* |
| *Марказҳои тиббии махсусгардонидашуда* | *1- Назоратгоҳи бемории сил* |
| | *1-Маркази  бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул* |
| | *1-маркази репродуктивии занон* |
| | *1-Маркази тарзи ҳаёти солим* |
| | *1-маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон* |
| | *1-маркази СПИД ва бемориҳои бо алоқаи ҷинсӣ гузаранда* |
| | *1-Маркази мубориза бар зидди касалии сил.* |
| *Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ* | *1-адад* |
| *Ёрии таъҷилии тиббӣ* | *1 адад* |

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳои инфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар чор соли оянда самти асосии Барномаи мазкур аст. Аз ҷумла:

- *набудани ҷомашӯйхона беморхонаи марказии ноҳия (БМН);*
- *набудани автоклави мутамарказонидашуда;*
- *набудани шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакона ва шӯъбаи бемориҳои қалб;*
- *набудани маблаг барои таъмири асосии беморхонаҳои минтақавию рақамӣ;*
- *гузаронидани хатҳои (қубурҳои) оби ошомидани дар шуъбаҳои беморхона*
- *ҷойгир будани 13 адад бунгоҳи тиббӣ дар хонаҳои шаҳрвандон;*
- *таъмирталаб будани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ;*

*- пайваст набудани бештари муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ;*

*- фарсуда ва корношоям гардидани шабакаи гармидиҳии беморхонаҳои минтақавӣ ва рақамӣ;*

*- набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия (дастгоҳи нафасгирии сунъӣ (ИВЛ), наҷот, рентгенӣ, флюорография, сабти барқии дил, фавқусадо, тамизкунанда, гастроскоп, кювез ва гайра);*

*- маҳдудият дар истифодаи қувваи барқ;*

*- набудани бинои ~~расмии~~ маъмурии Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия.*

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009, №665 «Дар бораи таъсис додани шӯъба ва бахшҳои тандурустӣ дар мақомати иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо», Шӯбаи тандурастии ноҳия таъсис дода шуд, ки вазифаи он аз идоракунии ташкили хизматрасонии тиббӣ ва фармасевтӣ иборат аст.

*Ҷадвали ~~6~~21. Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ дар соли 2015*

| *Муассисаҳои тиббӣ* | *Шумораи кормандон* | *Маълумоти миёнаи махсус* | *Маълумоти олӣ* | *Дигар кормандон* |
|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 277 | 130 | 58 | 89 |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *100* | *46,9* | *20,9* | *32,2* |
| Хадамоти бистарӣ | 22 | 14 | 2 | 6 |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *100* | *63,6* | *9,1* | *27,3* |

Муассисаҳои тиббии ноҳия пурра бо кормандон таъмин мебошанд. Маоши миёнаи кормандони соҳаи тибби~~и~~ ноҳия 260 сомониро ташкил медиҳад. ~~Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст, ки духтурҳои ноҳия ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ тахассусидар он курси такмили ихтисос мегузаранд, аз ҷумладар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва~~

Отформатировано: выделение цветом

маблаггузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.*** Дар ноҳияи Дӯстӣба ҳалли масоили солимӣ иштироки ҷомеа кам мушоҳида мешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ на чандон хуб ба назар мерасад. Фаҳмиши кисме азаҳолӣ ба масъалаҳои бурдани тарзи солими ҳаёт дар сатҳи паст қарор дорад.

### 3.3. Фарҳанг ва фароғат

Дар муассисаҳои фарҳангӣ набуданӣнабудани системаи гармидиҳӣ, нарасидани асбобҳои мусиқии халқии барқӣ, либосҳои саҳнавӣ, рафҳои китобмонӣ, мизу курсиҳо, китобҳои тозанашр ва нарасидани кадрҳои баландихтисос ба назар мерасад. Дар маркази ноҳия толори варзишӣ мавҷуд бошад ҳам, вале аз набудани ашёҳои варзишии замонавӣ пурра фаъолият надорад.

Ҳамзамон, барои дар оянда ба роҳ мондани хизматрасонии фарҳангӣ дар ҷамоатҳои деҳоти «ба номи Г. Гулмуродов» (деҳаи Турсунзода), «Деҳқонобод» (деҳаи Шӯро) ва «Нури Вахш» (деҳаи Гогол), ки аҳолиашон зиёд аст, бунёди клубҳои деҳотӣ зарурият дорад.

Мушкилоти дигари соҳа набудани бинои матбаа ва таҷҳизотҳои замонавии чопкунанда ва таъмири асосии бинои идораи рӯзномаи ноҳиявӣ мебошад.

Мактаби санъати бачагонаи ноҳияи Дӯстӣ Дустӣсоли 1982 таъсис ёфтааст. Ҳоло дар мактаби санъат 7 синфхона аз ҷумла, синфи созҳои миллӣ, созҳои аврупоӣ, рассомӣ,компютерӣ, зарбӣ ва овозхонӣ амал мекунанд.

Дар мактаб 12 нафар омӯзгорон фаъолият доранд, ки аз онҳо 6 нафар бо маълумоти олии касбӣ ва 6 нафар бо маълумоти миёнаи махсуси касбӣ ба 136 нафар хонандагон ҳунар меомӯзанд.

***Соҳаи туризм.*** Дар ҳудуди ноҳияи Дӯстӣ як қатор иншоотҳои фарҳангӣ аз қабили «Осорхонаи Имом Зайналобиддин», мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» ва обҳои шифобахш мавҷуд аст,ки барои инкишофи соҳаи туризм дар оянда мавқеи хоса доранд. Аз сабаби набудани инфрасохтори замонавӣ, ҷавобгӯ набудани ҳолати санитарию гигиении ошхонаю чойхона дар хатсайри туристӣ, мавҷуд набудани оддитарин шароитҳои хизматрасонӣ барои истироҳати хуб ва тамошо, кам будани шиору овезаҳо бо забонҳои давлатию хориҷӣ, набудани тарҷумонҳои забонҳои хориҷӣ, сайёҳон ба ин диёр кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

«Бешаи палангон» калонтарин мамнӯъгоҳ дар ҷумҳурӣ мебошад,ки майдони умумии он қариб 50,0 ҳазор гектарро (аз ҷумла 34,9 ҳазор га ба ноҳияи Дӯстӣ, 14,4 ҳазор гектар ба ноҳияи Қубодиён ва 655 га ба ноҳияи Ҷайҳун) ташкил медиҳад. Мамнӯъгоҳи мазкур дар қисмати ҷанубу ғарбии ҷумҳурӣ дар резишгоҳи дарёи Вахш ҷойгир шудааст ва яке аз зеботарин манзараҳо ба ҳисоб меравад.Дар мамнӯъгоҳ 17 кӯли калон буда, дар ин кӯлҳо 12 намуди моҳӣ (сазан,сом, леш, усач, карп, карос, маринка,беш, амур, толсталоб, зағармоҳӣ, мормоҳӣ ва дар резишгоҳи Амударё соафариндус) мавҷуд аст.

Олами ҳайвоноту набототи мамнӯъгоҳ низ гуногун буда, аз хазандагон морҳои заҳрдор (кобра, гурза, эфа, қурмор, тирмор, мори обӣ, эшкамар, калтакалос ва аз ҳайвонотҳои нодир, ки дар китоби сурх ворид гаштаанд (гавазни бухороӣ, ғизолҳо, бузи кӯҳӣ, хукҳои ваҳшӣ, шағолҳо, гурбаҳо, гурбаи ҷангалӣ, саги обӣ (выдра), гиенаи осёгӣ, муши обӣ ва ғайра) сукунат доранд.

Дар мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» барои истироҳати бофароғат ва ҷалби сайёҳон ба ин минтақа дар майдони 2 га аз ҳисоби ҳайвонҳои нодири беша боғи ҳайвонот дар шакли хурд ташкил намудан ба мақсад мувофиқ аст.

### 3.4.Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

***Бекорон.*** Ҳадафистратегияи Барномаи рушди ноҳия дар чор соли оянда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи бекорӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровардани иқтидорҳои маҳаллӣ дар назар аст. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ таи се соли охир ба ҳисоби миёна 2,6 фоиз зиёд шудааст.

*солҳои 2013-2015 (нафар)*

| *Нишондиҳандаҳо* | *Солҳо* | | |
|---|---|---|---|
| | *2013* | *2014* | *2015* |
| Аҳолии қобили меҳнат | 52500 | 52945 | 53000 |
| Шумораи миёнасолонаи коргарон ва хизматчиён | 19100 | 19100 | 19200 |
| Шумораи умумии бекорон | 1157 | 2286 | 2736 |
| Сатҳи бекорӣ (%) | 2,7 | 2,9 | 3 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 36,2 фоиз ба кор машғул, 18,3 фоизи дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 5,2фоиз бекорон мебошанд. Дар се

соли охир шумораи ~~бекорон 2,6 маротиба ва~~ муҳоҷирони меҳнатӣ 23 фоиз

Бо мақсади мусоидат намудан ба паст кардани сатҳи бекорӣ ҳамасола маблағҳои муайяне барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ тавассути буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад.

*Диаграммаи №~~1~~ 8Дастрасии бекорон ба қарзҳои имтиёзнок дар давраи солҳои 2013-2015*




Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дӯстӣ то соли 2020 ин пеш аз ҳама ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад.Дар доираи “Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Дӯстӣ дар тӯли солҳои 2013 – 2015” таи се соли охир 4928 нафар ба кори доимӣ таъмин карда шуд.

***Музди меҳнат.*** Соли 2015 музди меҳнати номиналӣ дар муқоиса бо соли 2013 ба ҳисоби миёна 127,61 сомонӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале тафовут байни дараҷаи баланди табақабандии аҳолии аз рӯи андозаи даромадҳо ба назар мерасад. Сатҳи пасти музди меҳнат дар ноҳия ба соҳаҳои кишоварзӣ, иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг) ва сатҳи баланди музди меҳнат ба соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, суғурта, сохтмон, алоқа ва саноат рост меояд.

*Ҷадвали № 23. Музди миёнаи меҳнат аз рӯибахшҳо дар солҳои 2013-2015*

| *Бахшҳо* | *2013* | *2014* | *2015* | *2015 нисбати 2013 (бо %)* |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 200,15 | 253,11 | 274,45 | 137,1 |
| Саноат | 550,43 | 579,71 | 590,11 | 107,2 |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 520,75 | 531,82 | 545,46 | 104,7 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 310,35 | 333,14 | 347,51 | 111,9 |
| Музди миёнаи кормандон дар нохия | 410,53 | 434,79 | 459,16 | 111,8 |

***Муҳоҷирати меҳнатӣ.***Муҳоҷирати меҳнатӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ аст. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ зиёда аз 7569нафар аҳолии ноҳия дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд.Дар соли 2015ба воситаи бонкҳои ноҳия 1 млрд. 478 млн. 683 ҳаз. 909 рубли русӣ ва 3 млн. 983 ҳаз. 43 доллари амрикоӣ аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ интиқол дода шуда, нисбати ҳамин давраи соли 2014- 35 млн. 432 ҳаз. 936 рубли русӣ зиёд ва 5 млн. 64 ҳазору 94 доллари амрикоӣ кам мебошад.

***Гурӯҳи аҳолии осебпазир.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолии ноҳия нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешавад.

*Ҷадвали №~~3~~24. Шумораи нафақахӯрон дар тӯли солҳои 2008-2010(нафар)*

| ***Гурӯҳҳои осебпазир*** | ***Солҳо*** | | |
|---|---|---|---|
| | ***2013*** | ***2014*** | ***2015*** |
| Нафақахӯрон | 6685 | 6940 | 6946 |
| Маъюбон | 1403 | 1312 | 1070 |
| Маъюбони модарзод | 257 | 286 | 270 |
| Бесаробонмондагон | 56 | 56 | 56 |
| Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпули мегиранд | 1308 | 1879 | 2420 |

Дар ноҳия 5 нафар маъбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 10 нафар маъюбони ~~ҳодисаи~~ садамаи Чернобил ва 1522 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 истиқомат доранд, ки аз ин 875 зан ва 663 мард мебошад. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача (76 адад) ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, протез, таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошад.

Дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақа 128,3 сомонӣ, аз ҷумла аз рӯи пиронсолӣ 116,3 сомонӣ, аз рӯи гум кардани яке аз волидайн 233,2 сомонӣ, аз рӯи маъюбӣ 151,2 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 75,9 сомониро ташкил медиҳад.

Шумораи хоҷагиҳои хонагие, ки аз истифодаи барқ ва газ кӯмакпулӣ мегиранд, 2420 оиларо ташкил медиҳад.

Раёсати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ноҳия бинои маъмурии худро надорад ва айни ҳол дар як бинои кӯҳнае, ки солҳо 40-50-уми асри гузашта сохта шудааст, ҷойгир аст.

**Боби 4. Инфрасохтор**

*Ҷадвали №~~1~~25Таъминоти аҳолии ноҳияи Дӯстӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дар соли 2015*

| | Номгӯи ҷамоатҳо | Аҳолие, ки ~~ба~~ бооби тозаи нӯшокӣ таъмин аст (нафар) | Аҳолие, ки бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин нест (нафар) | Дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ба ҳисоби фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | *Г.Гулмуродов* | 0 | 14890 | 0 |
| 2 | *Чиллиқӯл* | 5800 | 18734 | 16,4 |
| 3 | *Деҳқонобод* | 1350 | 10218 | 11,6 |
| 4 | *Нури Вахш* | 1760 | 13125 | 11,8 |
| 5 | *20 солагии Истиқлолияти ҶумҳурииТоҷикистон* | 4320 | 21232 | 16,9 |
| 6 | *Навзамин* | 0 | 5111 | 0 |
| | *Ҳамагӣ:* | 13230 | 83310 | 12,8 |

Ба сифати сарчашмаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар ноҳияи Дӯстӣ обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ истифода бурда мешаванд. Шабакаҳои таъмини об дар солҳои 1960-1980 сохта шуда, дар давоми 30-50 сол мавриди истифода қарор доранд.Аз сабаби солҳои тӯлони истифода ва таъмир нашудани шабакаҳои оби нӯшокӣ ҳолати техникии зиёда аз 80 фоизи онҳо ғайриқаноатбахш гардидааст.

Дар ноҳия 15фоизи аҳолӣ (дар ду ҷамоат) аз шабакаҳои марказонидашудаи оби нӯшокӣ истифода мебаранд. Аҳолии боқимонда аз дигар сарчашмаҳо (чашма, ҷӯйбор, қубурҳои дорои обкашаки дастӣ, корезканал ва ғайра) истифода мебаранд, ки ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯй нестанд.

Талафёбии зиёди об дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ боиси фарсудашавии коммуникатсия ба тариқи ихроҷ аз ҷумакҳо (ба ҳисоби миёна 50%) ба вуҷуд меояд, ки дараҷаи таъминоти аҳолиро бо оби нӯшокӣ паст намуда, дар натиҷа пайдо шудани обҳои ғализи зеризаминӣ нисбат ба шароти эпидемиологӣ зуҳуроти хатарнокро ба вуҷуд меорад ва боиси

пайдоиши касалиҳои сирояткунанда мегардад. Хатҳои оби нӯшокӣ дар маҳалҳо бо дағалона вайрон намудани қоидаҳои истифодабарии техникӣ кор мекунанд.

Бунёди шабакаи обу ташноб (канализатсия) солҳои 1988 оғоз гардида, ҳамагӣ 1,7 км (қубури 400 мм) хобонда шудаасту халос ва то ҳол сохтмони он нотамом мондааст. Барои ба итмом расонидани шабакаи обу ташноб тақрибан 930 ҳазор сомонӣ маблағ лозим аст, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ амалӣ намудани он аз имкон берун аст, зеро Дӯстӣ ноҳияи дотатсионӣ мебошад. Аз сабаби набудани шабакаи обу ташноб сохтмони хонаҳои баландошёна дар маркази ноҳия ғайриимкон аст.

Дар доираи «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2.12.06) дар ноҳияи Дӯстӣ барқарорсозии иншоотҳо ва хатҳои қубури мавҷудаи системаи обтаъминкунӣ, таҷдид ва аз нав сохтани хатҳои обгузар ва дигар сохтмонҳо ба нақша гирифта шудааст. Маблағгузории чорабиниҳо байни ин солҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва ташкилотҳои хориҷӣ сурат мегирад (иҷрои корҳо тавассути корхонаи «Тоҷикобдеҳсохтмон» ва КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ») амалӣ мешавад. Дар сурати амалӣ гардидани чорабинии мазкур сифати таъминоти оби нӯшокӣ беҳтар гардида, зиёда аз 9,0 ҳазорнафар аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин мегардад.

- *Таъмини шабакаҳои обтаъминкунӣ бо нерӯи барқ тибқи меъёр;*
- *Ҳолати ғайриқаноатбахши техникии иншоотҳои обтаъминкунӣ (зиёда аз 75 % ~~иншоотхои~~ иншоотҳои обтаъминкунии мавҷуда фарсуда гардидаанд);*
- *Нарасидани таҷҳизотҳои барқии қудратнок ва гидромеханикӣ;*
- *Вуҷуд надоштани баҳисобгирии дақиқи истифодабарии об ва обченкунакҳо.*

### 4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ

Дар муассисаи мазкур барои ҷамъоварии ПСМ 1 адад автомошинаи ГАЗ-53, 1 адад трактори Т-40 ва трактори Т-28 хизмат мерасонад, ки онҳо фарсудаю корношоям гардидаанд. Муассисаи мазкур аз набудани техника (автомошинаи партовбарорӣ, автомошинаи обкашонӣ, обпошок ва трактори ЮМЗ-80 якҷоя равонакаш) ҳангоми тоза ва кашонидани ПСМ ба мушкилотҳои зиёд дучор мегардад (партовгоҳ дар масофаи 5 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир аст).

